ДАРГУЗАШТИ НИЗОРАМОҲ ЗАРИФОВА с. 2

БЕАДАБИРО АЗ... БУЗУРГОН ОМӮХТЕМ с. 5

ТАҶЛИЛИ 100-СОЛАГИИ СОҲИБ ТАБАРОВ с. 8




# ТОҶИКИСТОН


№49 (1612), 4.12.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992





## ДАР ИН ШУМОРА:


**ТОҶИКИСТОН**
Дар сегонаи кишварҳои бехатари дунё с.3

**АБЛАҲЕ АЗ БОМ АФТАД**
Гуфтугӯйи муҳоҷир бо падар с.3

**ШОҲТЕМУР ВА ҲОҶИБОЕВ**
Ду бахтовари миллат с.6

**ҶАҲОН**
Оташи ҷанг дар Сурия с.4

**СОҲИБКОРИИ ИҶТИМОӢ**
Қабули қонуни нав дар Тоҷикистон с.5

**ҶИНОЯТ ВА ҶАЗО**
Боим боздошт шуд. Ӯ кист? с.11

**МУНИРА ШАҲИДӢ**
Номи Лоҳутӣ ва тавсияи Ғафуров с.13





# МОҲИ МАРТ ДАР ТОҶИКИСТОН ИНТИХОБОТ!

**2-юми марти соли 2025 дар Тоҷикистон интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ва Маҷлисҳои вакилони халқи ВМКБ, вилотҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо баргузор мегардад.**

Дар ин бора 4-уми декабр фармони Президенти Тоҷикистон нашр шуд. Ҳамзамон тибқи фармони Сарвари давлат 28-уми марти соли 2025 интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ гузаронида мешавад.

Интихоботи вакилони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот низ мутобиқи Қонун “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” 2-юми марти соли 2025 гузаронида мешавад.

Ёдовар мешавем, ки охирин интихоботи парлумонӣ дар Тоҷикистон 1-уми марти соли 2020 баргузор гардида буд.

# ЧИНУ ТОҶИКИСТОН БО СЕ НЕРУ МУБОРИЗА МЕБАРАНД

**Чину Тоҷикистон дар минтақа алайҳи терроризм ва ифротгароӣ якҷо мубориза хоҳанд бурд. Ин нуктаро вазири корҳои хориҷии Чин Ван И дар ҷаласаи вазирони корҳои хориҷии «Осиёи Марказӣ-Чин» дар шаҳри Ченгду иброз дошт.**

«Мо якҷоя бо «се неру» (терроризм, ифротгароӣ ва сепаратизм) мубориза мебарем. Аз паҳншавии ақидаҳои ифротгароӣ пешгирӣ мекунем ва якҷо дар минтақа монеаи мустаҳками амниятӣ эҷод хоҳем кард»,- гуфт вазири корҳои хориҷии Чин Ван И дар ҷаласаи бисёрҷониба бо вазирони корҳои хориҷии Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон дар шаҳри Ченгду.

# БАРОИ МУҲАҚҚИҚОНИ ТОҶИК ДАР ҶОПОН РОҲ БОЗ ШУД

**Дар шаҳри Токио мулоқоти президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қобилҷон Хушвахтзода бо муовини вазири корҳои хориҷии Ҷопон доир шуд.**

“Ҷонибҳо доир ба дурнамои рушди ҳамкориҳои илмӣ - таҳқиқотӣ, густариши корҳо дар самти рушди илмҳои дақиқ, тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ дар ҳарду кишвар суҳбат намуданд”,-иттилоъ доданд аз АМИТ ба Pressa.tj.

Аз ҷумла, ҷонибҳо вобаста ба пайванди илм бо истеҳсолот, муҳайё намудани шароити корӣ барои олимону муҳаққиқон дар ҳарду давлат ҷиҳати андӯхтани таҷрибаи корӣ ва умуман равобити илмӣ - амалӣ байни Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва муассисаҳои илмии Ҷопон ба мувофиқа расиданд.

Гуфта мешавад, ки минбаъд магистрантону докторантони точик метавонанд барои сайқал додани корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ба Ҷопон сафар кунанд. Ҳамчунин, зимни мулоқот таъкид гардид, ки муҳаққиқони давлати Ҷопон низ метавонанд ба Тоҷикистон омада, дар шароити мусоиди ниҳодҳои илмӣ - таҳқиқотӣ омоданамудаи АМИТ корҳои илмӣ - таҳқиқотиро гузаронанд.



# ДАРГУЗАШТИ НИЗОРАМОҲ ЗАРИФОВА

**Низорамоҳ Зарифова – ходими давлативу сиёсӣ, шоми 30 ноябр дар синни 101-солагӣ аз олам даргузашт. Ӯ аз ҷумлаи сиёсатмадорони хушноми тоҷик буд, ки беш аз 60 сол дар вазифаҳои баланди давлатӣ кор кардааст.**

Субҳи 1-уми декабр бо ҳузури мансабдорони баландпояи давлатӣ, собиқадорони меҳнат ва аҳли фарҳанги кишвар маросими видоъ бо Низорамоҳ Зарифова баргузор шуд. Дар маросим муовини сарвазири кишвар Дилрабо Мансурӣ, вазири фарҳанг Матлубахон Сатториён, муовини раиси ҲХДТ Хайринисо Юсуфӣ, муовини шаҳрдори Душанбе Дилбар Одилзода, Шоири халқии Тоҷикистон Гулрухсор ва муовинони раисони вилоятҳои Суғду Хатлон ва дигар шахсони расмӣ ҳузур доштанд.

Маросими видоъро раиси Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнат Шукурчон Зуҳуров гардонандагӣ кард. Гуфта шуд, ки субҳи 1 декабр Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ низ барои баёни таслият ва дуову фотеҳа ба манзили Низорамоҳ Зарифова омадааст.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон низ даргузашти Низорамоҳ Зарифоваро ба пайвандонаш таслият гуфт.

Ниг. саҳ. 8

## САРИ САБЗ



**Алишер СОБИРОВ,**
**наворбардори ҷавони тоҷик**

**- Бисёриҳо намефаҳманд, ки чизи гарон ҳеҷ гоҳ бесифат намешавад. Фикр мекунанд як тугмаро пахш мекунӣ, дигар ҳамааш хуб, аммо меҳнати пасипардагии он ниҳон мемонад. Дар бораи танзим нагӯям ҳам мешавад.**

*- Шояд наворҳои бо касбияти баланд таҳияшударо тавони тамошову ҳазм кардан надоранд ва бештар ба рилсҳои сабуку хандаовару бисёр вақт ҳатто бемантиқ дода шудаанд...*



**Маҳина НАБИЕВА,**
**ҳуқуқшинос ва қанноди касбӣ**

**- Фарз кардем, ба шумо торти вазни 2,5 кг фармоиш дода мешавад. Дар амал, зуд-зуд дучор мешавем, вақте қаннод ба ҷои 2,5 килограми фармоишӣ 3 килограмм омода мекунад ва фармоишгар бояд барои 0,5 кг иловагӣ пардохт кунад.**

*- Не, ин фикри беҳуда аст. Ин замон, ки дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ пешрафт ба мушоҳида мерасад, фармоишгарҳо низ доно шудагӣ, ҳуқуқҳои худро медонанд.*



**Сайдализода ҶУРАХОН,**
**роҳбари РСМС ва НС дар Кӯлоб**

**- 10 сол пеш тарозуҳои хонагӣ бо пружин хеле зиёд буд, пурра аз байн рафтааст. Ҳозир ҳама тарозуҳои электроника шудааст. Пеш ҳатто оҳанрабо гузошта, харидоронро фиреб медоданд. Пурра ҳама электроника шуда, роҳи ҳаллашро ёфтааст.**

*- Чӣ хуш ба ҳоли харидорон, агар дар ин самт мушкилот ҳалли худро ёфта бошанд. Аммо, оё фурӯшандаҳо ягон воситаи дигаре мисли оҳанрабо намеёфта бошанд дар оянда?*


**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,** раиси “Сандуқи хайрияи Тоҷикистон”, академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,** академик

**Шералӣ КАБИР,** вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,** раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,** сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,** нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,** адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Фирдавс САТТОРОВ,** саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашриёҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# СОҲИБКОРИИ ИҶТИМОӢ

## Қабули қонуни нав дар Тоҷикистон

**Дар Тоҷикистон боз як қонуни нав қабул шуд. Он фаъолияти соҳибкории иҷтимоиро танзим мекунад.**



### АЗ МОҲИЯТ ТО ШАРҲИ ВАКИЛ

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ»-ро вакилони парлумон 13-уми ноябри соли равон муҳокима карданд. Вакилон мақсад аз қабули ин қонунро баланд бардоштани сатҳи зиндагии ҷомеа, расонидани кумак ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ тавассути фароҳам овардани фазои мусоиди иқтисодӣ барои соҳибкории иҷтимоии арзёбӣ карданд.

“Маҳз фарогирии иқтисодии ин категорияи шахсон метавонад афзоиши хароҷоти буҷетро аз ҳисоби даромадҳои андоз аз фаъолияти иқтисодӣ, устувории минбаъдаи молиявӣ ва худтаъминкунии онҳо қисман ҷуброн намояд. Аз ин лиҳоз таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки механизмҳои мусоидат ба шуғли гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ тавассути ҷалби онҳо ба фаъолияти соҳибкорӣ ё ба истилоҳ соҳибкории иҷтимоӣ зарур аст”,- омадааст дар иттилои расмии Маҷлиси намояндагони кишвар.

Вакилони парлумони кишвар бо итминон мегӯянд, ки барои васеъ ҷорӣ намудани соҳибкории иҷтимоӣ дар модели муосири иқтисодиёти миллӣ он бояд такони ҳавасмандгардонӣ барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани некӯаҳволии умумии аҳолӣ, пур кардани бозор аз молҳо ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ гардад. Инчунин, бо ҷорӣ намудани усулҳои нави инноватсионӣ дар соҳаи соҳибкории хурду миёна, зиёд намудани манбаи андоз ва кам кардани сарбории пардохтҳои иҷтимоӣ ба буҷети давлатӣ таъсир мерасонад.

Ҷамшед Муртазозода, раиси Комиссия оид ба назорати дастур ва ташкили кори Маҷлиси намояндагон мегӯяд, баррасии таҷрибаи ҷаҳонии соҳибкории иҷтимоӣ нишон дод, ки ин падида дар ҷаҳон нисбатан ҷавон, вале аз лиҳози ҳалли мушкилоти иҷтимоии ҷомеа хеле умедбахш аст. Ӯ зикр кард, ки бисёре аз кишварҳо барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ба дастгирии соҳибкорӣ манфиатдоранд.

«Дар бисёр кишварҳо соҳибкории иҷтимоӣ аз ҷониби давлат ва инчунин фондҳои гуногуни ғайридавлатӣ дастгирӣ карда мешаванд. Аз нуктаи назари рушди соҳибкории иҷтимоӣ дар Тоҷикистон имкониятҳои аз ҷониби қонунгузорӣ муқарраршуда барои дарёфти фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ ва шарикии давлат ва бахши хусусиро метавон умедбахш арзёбӣ кард»,- иброз дошт Ҷамшед Муртазозода.

### КОРШИНОС ЧӢ МЕГӮЯД?

Ба андешаи коршиносон, таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» иқдоми муҳим ва саривақтӣ аст.

Уктам Ҷумаев, коршиноси тоҷик мегӯяд, ки қабули қонуни мазкур доираи фаъолиятро васеъ мекунад.

“Қабули чунин қонун саривақтӣ аст. Он ба самти муосири рушди сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии давлат алоқаманд аст. Барои бартараф кардани номувозинатии иҷтимоӣ дар бозори меҳнат заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам меорад. Дигар ҳуқуқҳои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва ба ин васила беҳбуди устувори зиндагӣ ва некӯаҳволиро таъмин менамояд”,- иброз дошт Уктам Ҷумаев дар маҳфили иқтисодии “Тавозун”.

Имрӯз соҳибкории иҷтимоӣ падидаи нав нест ва дар бисёр кишварҳо алакай амал мекунад. Соҳибкории иҷтимоӣ ҳамчун тиҷорати хурд ё миёна ҳисобида мешавад. Фаъолияти он модели махсуси тиҷоратро ташкил медиҳад, ки на танҳо ноил шудан ба муваффақияти тиҷоратӣ ҳамчун ҳадафи худ, балки кумак расонидан ба категорияҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири шаҳрвандон, инчунин ҳалли масъалаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ фоиданок маҳсуб меёбад. Дар ҳоле фаъолият иҷтимоӣ ҳисобида мешавад, ки агар ташаббусу маблағгузории он бевосита ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ нигаронида шуда бошад.

Бояд гуфт, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» фарогири 5 боб ва 27 модда аст. Дар он асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии соҳибкории иҷтимоӣ муайян шудааст.

**У. РАҲИМЗОДА**

ПАМФЛЕТ

# АБЛАҲЕ АЗ БОМ АФТАД...

**Гуфтугӯи телефонии муҳоҷир бо падар**



**Писар:** Салом дада, қурби урус паст шуд, акнун чӣ кор мекунем? Пулҳои урусии се сол ҷамъкардаи ман чӣ мешаваду ман акнун кай зан мегирам?

**Падар:** Салом, о ин айби худи шумо муҳоҷирон будааст ку...

**Писар:** Мо чӣ кор кардем, ки шумо ин тавр мегӯед? Гуноҳи мо чист?

**Падар:** Ман нагуфтаам, балки инро вакили Думаи давлатӣ рафиқ Матвеев дар тамоми дунё эълон кард ку... Асло хап намешинед дия, писарҷон!

**Писар:** Дадаҷон, бахудо, ки мо ба пул-мули Русия кордор нашудаем, инҳо аз худашон ҳар гапро мегӯянд. Ин Матвеватон худаш...

**Падар:** Не, “Матвеевамон худаш” не, ӯ виҷдони тозаи коммунистӣ дорад. Вақтхое, ки ман ҳам коммунист будам, ана ҳамин хел будам...

**Писар:** Охир, наход муҳоҷире, ки дар Русия пули аз ҳама камтаринро мегираду боз аз он 13 миллиардашро бо роҳи гирифтани патенту супоридани андоз бозгашта ба худи урусҳо медиҳад, қурби пули онҳоро паст кунад? Ин қадар ҳам не дия...

**Падар:** Пас, сабаби ин чист, ки рубл паст шавад ҳам, муҳоҷирро гунаҳгор мекунанду Крокусашонро тарконанд ҳам, бе далели қатъӣ тоҷик гунаҳгор аст? Ё ин ки, “Аблаҳе аз бом биафтад, гардани мо бишканад...?”.

**Писар**: Ба ин саволатон, дадаҷон, як иқтисодшиноси тоҷик қаблан бекурбшавии рубли русиро ба ҷанги Русия дар Украина рабт дода гуфта буд: “Якум, таъсири таҳримҳое, ки кишварҳои Ғарб ба иқтисодиёти Русия ҷорӣ кардаанд, дуюм, маҳдуд кардани тиҷорат бо кишварҳои аврупоӣ, нафту газу дигар маҳсулот, ки хеле даромади асъории бузург меовард ба Русия. Сеюм, фурӯши нафту газ ба давлатҳои Шарқ бо нархи паст".

**Падар:** Ин тавр бошад, писарҷон, зудтар ба хона баргард, ки боз ягон балои дигаре ба саратон наоранду туҳмати дигаре ана ҳамин Матвееву ҳамсафонаш накунанд... ”Сарфаи сари оташдон, беҳ аз савдои Ҳиндустон” гуфтаанд... Як зангирӣ бошад, ҳоло ҳукумати худамон онро ба танзим даровардааст, як бало мекунем...

**Писар:** Магар туҳмати аз ин сахттар ҳам мешавад?

**Падар:** Мешавад, масалан агар дар Думаи Русия, ки ҳамасола камшавии таваллудро таъкид мекунанду гунаҳгор меҷӯянд, ҳаминро ҳам ба сари шумоён назананд мегӯям дия...

**Писар:** (пас аз лаҳзае сокит будан)Пас, зангириро фаромӯш кунам?

**Падар:** Бале, то баланд шудани қурби “урус” камтар сабр кун бачаҷон...

**Писар:** Агар қурбаш баланд шаваду аз афтодан бозмонад...

**Падар:** Бале писарам, насиҳати маликушшуаро, яъне подшоҳи шоирони Шарқро ба гӯш гир, ки гуфтааст: “Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ...”.

**А. ҲОҶӢ**



# ТОҶИКИСТОН ДАР СЕГОНАИ КИШВАРҲОИ БЕХАТАРИ ДУНЁ

**Гузориши глобалии бехатарии Созмони Геллап (Galllup 2024) дар асоси маълумот ва тадқиқоти нав аз рӯи индекси қонун ва тартибот дар соли 2024 Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба сегонаи бехатартарин кишварҳои дунё шомил намудааст.**

Тоҷикистон ва Сингапур бо гирифтани 95 хол дар рейтинги умумиҷаҳонии бехатарӣ баъди кишвари Кувайт қарор доранд.

Дар тадқиқот 146 000 нафар аз 140 кишвари дунё пурсида шуда, ба се критерияи асосӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст:

- эҳсоси бехатарии шахсӣ;
- эътимод ба милитсия;
- дарафтодан (зӯроварӣ).

Дар аксар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаи дунё, ки қонун он ҷо эътибори олӣ дорад, аксарияти сокинонашон гуфтаанд, ки дар вақти шабона ҳангоми сайругашт кардан эҳсоси амният мекунанд. Айнан ҳамин критерияи баҳодиҳӣ ба Тоҷикистон ҳам дахл дорад, ҷое, ки кулли сокинонаш худро комилан амн ҳис мекунанд, аз он ҷумла ҳангоми сайругашти шабона.

Воқеан, талошҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти фароҳамсозии шароити мусоиди корӣ барои сохторҳои низомӣ, махсусан милитсия водор менамояд, ки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз ҳайати қаторӣ то афсари баландрутба ба Савганд ва Роҳбари давлат содиқ монда, бахри ҳифзи амнияту суботи комили сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол сина сипар намоянд.

**Муҳсинҷон МУҲАММАДӢ**



**AP Ҷо Байден, президенти Амрико рӯзи 1-уми декабр писараш Ҳантерро афв кард. Ҳантер бар асоси ду парванда - харидани силоҳ (ҳангоми нашъамандӣ) ва напардохтани молиёт (андоз) метавонист зиндонӣ шавад.**

Президент Байден қаблан, пас аз махкум шудани писараш дар ду парванда дар Делавэр ва Калифорния, гуфта буд, ки писарашро афв ва ҳукми ӯро кам намекунад. Вай рӯзи якуми декабр таъкид кард, ки ба низоми додгоҳӣ эътимод дорад, аммо муътақид аст, ки парванда бо масоили сирф сиёсӣ олуда шудааст.

# ТОЛИБОН ДАР ӮЗБЕКИСТОН

**Ҳайати ҳукумати "Толибон" бо раҳбарии муовини сарвазири ҳукумати муваққати Афғонистон оид ба масъалаҳои маъмурӣ Абдулсалом Ҳанафӣ бо сафари якҳафтаина ба Ӯзбекистон омадаанд. Дар ин бора хабаргузории "Фергана" хабар медиҳад.**



Ҳайати «Толибон» 30-юми ноябр ба Ӯзбекистон рафта буданд ва ду рӯзи охир аз шаҳрҳои Бухоро ва Самарқанд дидан карданд.

Аз ин пештар Ҳанафӣ бо сарвазири Ӯзбекистон Абдулло Орифов, муовини ӯ Ҷамшид Хоҷаев ва муфтии Ӯзбекистон Нуриддин Холиқназаров мулоқот карданд. Дар мулоқотҳо масъалаҳои тақвияти робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ баррасӣ шуданд. Ҳайати ҳукумати "Толибон" умедворӣ кардаанд, ки ҳамкории онҳо бо Тошканд дар соҳаҳои мухталиф тақвият ёфта, васеъ хоҳад шуд.

Тибқи иттилои "AmuTV", дар мулоқот бо Ҷамшид Хоҷаев, Абдулсалом Ҳанафӣ аз Ӯзбекистон хостааст, ки ҳамкориро дар соҳаҳои саноати маъданӣ, савдо, кишоварзӣ ва нақлиёт тақвият диҳанд.

Ҷамшид Хоҷаев дар навбати худ тасдиқ кард, ки Ӯзбекистон омода аст дар доираи ташаббусҳои муштарак дар соҳаҳои маъданӣ, рушди кишоварзӣ, савдо ва мусоидат ба транзити молҳо бо Афғонистон ҳамкорӣ кунад.

Мувофиқи маълумоти "Qalampir.uz", ҳайати "Толибон" бо ҳамроҳии намояндаи вижаи Президенти Ӯзбекистон дар Афғонистон Исматилло Иргашев аз шаҳри Бухоро дидан кардаанд.

«Мақомоти Ӯзбекистон то ҳол мулоқотро шарҳ надодаанд. Ин дар ҳолест, ки номи Ҳанафӣ дар рӯйхати сиёҳи СММ ворид шудааст, ки маънои онро дорад, ки ба ӯ манъ аст, ки ба хориҷ сафар кунад»,- қайд мекунад AmuTV.

Мақомоти расмии Ӯзбекистон то ҳол дар бораи сафари ҳайати "Толибон" ба кишвар иттилое пахш накардаанд. Танҳо ҳокимияти (маъмурияти) вилояти Самарқанд, ки онҳо рӯзи 2-юми декабр дар онҷо буданд, дар бораи сафари онҳо ба ин шаҳр хабар доданд.

Дар гузашта Абдулло Орифов низ бо як ҳайат ба Афғонистон рафта, бо роҳбарони ҳукумати "Толибон" мулоқот карда буд.



**FOX NEWS - Трамп ба Трюдо пешниҳод кард, ки Канадаро ба 51-умин иёлати ИМА табдил диҳад,- хабар медиҳад Fox News. Трамп гуфтааст, ки Оттава наметавонад марзи Амрикоро аз вуруди маводи мухаддир ва муҳоҷирони беш аз 70 кишвари ҷаҳон ҳифз кунад.**

Трамп таҳдид кардааст, ки дар рӯзи аввали бозгашташ ба Кохи Сафед ба молҳои Канада бочи 25% ҷорӣ хоҳад кард, агар мушкилоти сарҳадӣ ва касри тиҷорӣ, ки ба гуфтаи ӯ, 100 млрд доллар ҳал нашавад. Трюдо эътироз кард, зеро ба андешаи ӯ, ин иқтисоди Канадаро хароб мекунад.

Дар посух Трамп бо истеҳзо гуфтааст, ки Трюдо Канадаро ба 51-умин иёлати Амрико табдил диҳад...

# КУМАКҲОИ ҲАНГУФТИ ИМА ВА ОЛМОН БА УКРАИНА

**Ҳафтаи равон ИМА ва Олмон бастаҳои нави кумакҳои низомии хешро ба Украина эълон карданд. Коршиносон нигарон аз онанд, ки ҷанги Русия бо Украина идомадор хоҳад шуд.**



Олаф Шолтс, садри аъзами Олмон рӯзи 2-юми декабр бо як сафари эълоннашуда ворили Киев шуд.

Ӯ қавл дод, ки кишвараш дар моҳи декабр ба Украина ба арзиши 650 миллион евро силоҳи изофӣ медиҳад.

Сухангӯйи Вазорати дифои Олмон гуфт, ки кумак аз низоми дифои ҳавоии IRIS-T, тонкҳои "Леопард 1", дрон ва таҷҳизоти дигар иборат хоҳад буд.

Шолтс дар паёме дар шабакаи "X" (Твиттери собиқ) навишт, ки "Олмон пуштибони қавитарини Украина дар Аврупо мемонад".

Садри аъзами Олмон дар Киев бо Владимир Зеленский, раисҷумҳури Украина суҳбат кард.

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико низ рӯзи 2-юми декабр бастаи нави ёриҳои низомиро ба Украина эълон кард.

Ин баста аз мина, муҳимот барои низоми мушакандози HIMARS, ҳавопаймоҳои бесарнишин ва мушакҳои "Стингер" иборат аст.

Пулаш ба 725 миллион доллар мерасад.

Маъмурияти Ҷо Байден мехоҳад пеш аз дохил шудани раисҷумҳури мунтахаб Доналд Трамп ба Кохи Сафед, ба Киев кумаки бештар расонад. Трамп борҳо ёрии Амрикоро ба Украина танқид кардааст.

Энтони Блинкен, вазири умури хориҷии Амрико дар изҳороте кумаки навро "бастаи муҳим" номид.



**Намояндаи вижаи Чин оид ба Афғонистон гуфтааст, ки Пекин дар ҳоли ройзанӣ бо кишварҳои минтақа барои ба расмият шинохтани Толибон аст.**

Юшию Юнг гуфтааст, ки бо талошҳои Чин, имкони таомули кишварҳои ҳамсоя ва минтақа бо гурӯҳи Толибон ба вуҷуд омадааст.

"Кишварҳои ҳамсоя ва минтақа мехоҳанд мунсаҷим шаванд ва бо Афғонистон бар бунёди асли эҳтироми мутақобил ҳамкорӣ кунанд",- афзуд вай. Намояндаи вижаи Чин барои Афғонистон таъкид кард, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд бо гурӯҳи Толибон вориди гуфтугӯ шавад.

# ОТАШИ ҶАНГ ДАР СУРИЯ

**Пас аз барқарории оташбас миёни "Ҳизбуллоҳ" ва Исроил, гурӯҳҳои мухолифи ҳукумати Башор Асад худро ба Ҳалаб расониданд ва қисми зиёди шаҳрро гирифтанд.**




Дидбони Ҳуқуқи Башари Сурия, қароргоҳаш дар Лондон, хабар дод, ки шӯришиён рӯзи 30-юми ноябр аксар бахшҳои Ҳалаб, дувумин шаҳри бузурги Сурияро зери назорат даровroutанд.

Артиши Сурия низ дар бораи куштаву захмӣ шудани "даҳҳо" неруи худ дар даргирии густурда бо мухолифони ҳукумат гузориш дод.

Амалиёти ғофилгиронаи "Таҳрир-аш-Шом" (худро мухолифи ҳукумати Башор Асад, раисҷумҳури Сурия медонад) ва нерӯҳои ҳампаймонаш ба Ҳалаб рӯзи чоршанбе, 27-уми ноябр оғоз ёфт. Амрико ин гурӯҳро соли 2018 созмони террористӣ муаррифӣ карда буд.

Ба гузориши расонаҳо, рӯзи 30-юми ноябр дар Ҳалаб ҳаракати ками мардум ва мошинҳо мушоҳида шуда, мактабҳо ва идораҳои давлатӣ баста буданд ва аксар сокинон дар хонаҳои худ қарор доштанд.

Башор Асад, раисҷумҳури Сурия дар вокуниши нахустинаш ба таҳаввулоти рӯзҳои охир эълом кардааст, ки кишвараш метавонад "ҳамаи террористон ва пуштибонҳои онҳоро шикаст диҳад".

Ду манбаи наздик ба шӯришиён рӯзи шанбе ба "Рейтерс" гуфтаанд, ки нерӯҳои мусаллаҳи мухолифи ҳукумат шаҳри Маарат ан-Нуъмонро дар ҷануби Идлиб тасарруф карда, кулли ин вилоятро зери назорат гирифтаанд.

# ХАТИ МАРЗ МАЪЛУМ ШУД

## Тоҷикистону Қирғизистон баҳси сарҳадро ҳал карданд

**Тоҷикистон ва Қирғизистон хати сарҳади давлатӣ байни ду кишварро пурра маълум кардаанд. Дар ин бора АМИТ «Ховар» бо такя ба Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон иттилоъ дода, навиштааст, ки ба гурӯҳҳои кории ҳайатҳои ҳукуматии ҳар ду ҷониб дастур дода шудааст, ки корҳои ҳуҷҷатгузориро ба анҷом расонанд.**



Вохӯрии Саймумин Ятимов ва Қамчибек Ташиев, ҳамраисони ҳайатҳои ҳукуматии Тоҷикистон ва Қирғизистон оид ба делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатии ду кишвар имрӯз, 4-уми декабри соли 2024 дар шаҳри Бодканди вилояти Бодканди Қирғизистон баргузор шудааст.

"Зимни мулоқот роҳбарони ҳайатҳои ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ба мувофиқа расида, тавсифи қитъаҳои боқимондаи сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Қирғизистонро пурра ба анҷом расониданд",- омадааст дар хабар.

Ҳамчунин, ба гурӯҳҳои кории ҳайатҳои ҳукуматии ду кишвар оид ба делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Қирғизистон супориш дода шудааст, ки ба раванди таҳияи ҳуҷҷатҳои ниҳоии делимитатсия шурӯъ намоянд.

Ҷузъиёти дигаре дар мавриди тавофуқ дода нашудааст. Танҳо зикр шудааст, ки "суҳбат дар фазои дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ" баргузор шудааст.

Ёдовар мешавем, ки дарозии умумии сарҳади Тоҷикистон ва Қирғизистон тақрибан 980 километрро ташкил медиҳад. Аз декабри соли 2002 музокираҳо оид ба марзи ду кишвар идома доранд. Ҳал нашудани хати марз борҳо сабаби муноқиша, аз ҷумла муноқишаҳои низомӣ гардид, ки дар пай қурбониҳо низ дошт.

Беш аз як соли охир мақомоти Тоҷикистон ва Қирғизистон барои тавофуқ дар бораи марзи давлатӣ музокироти фаъол доранд. Ниҳоят ҷонибҳо ба тавофуқ расиданд.

Ҷузъиёти музокироти муайян кардани хати сарҳад ва натиҷаи он пурра маълум нест. "Тоҷикистон" ин мавзуъро пайгирӣ мекунад. Шумораҳои ояндаи моро интизор бошед!

### РЕЗААХБОР

28-уми ноябр "Сомон Эйр" парвозҳоро ба Доҳа оғоз кард. Вақти сафар 3 соату 50 дақиқа тӯл мекашад ва парвозҳо ҳар рӯзи панҷшанбе сурат мегиранд. Ҳадаф он аст, ки ҳавопаймоҳои мустақим бояд ҳамкориҳои дуҷонибаро на танҳо дар соҳаи сайёҳӣ, балки дар бахшҳои гуманитарӣ, тиҷоратӣ ва иқтисодӣ низ густариш диҳанд.

***

30-юми ноябр бахшида ба 32-солагии ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон дар шаҳри Душанбе «Дави дӯстӣ» дар ду масофа - 7,8 км ва 3,3 км баргузор гардид.

***

Аз 3 то 7-уми декабри соли 2024 дар шаҳри Душанбе марҳилаи ниҳоии мусобиқаи ҷумҳуриявии шоҳмот барои дарёфти Ҷоми Пешвои миллат баргузор мегардад, ки ҷоизаи он 200 000 сомониро ташкил медиҳад. Дар даври ниҳоӣ қавитарин шатранҷбозон аз тамоми манотиқи кишвар - шаҳри Душанбе, ВМКБ, Суғду Хатлон ва навоҳии тобеи ҷумҳурӣ барои дарёфти Ҷоми мусобиқа мубориза мебаранд.

# БЕОДОБИРО АЗ... БУЗУРГОН ОМӮХТЕМ

**Аксаран, вақте сухан аз одобу беодобӣ меравад, носеҳон масали машҳури Луқмони Ҳаким "адабро аз кӣ омӯхтӣ, аз беадаб"-ро мисол меоранд. Яъне кореро, ки онҳо кардаанд, ман накардам... Вале вақте шоҳиди беадабии "бузурон" мешавӣ ва он ҳам дар "хонаи адибон", чӣ гуфтанатро намедонӣ...**




Ба наздикӣ дар толори "Хонаи адибони ба номи Мирзо Турсунзода" шаби эҷодии нависандаи шинохтае баргузор гардид. Чун анъана, барои "пур кардани толор" донишҷӯёнро аз ДМТ даъват карда буданд. Ҳаводорони нависанда ва ҳамқаламони ӯ, ки аксар шахсиятҳои шинохтаи ҷумҳурӣ буданд, ду-се қатори курсиҳои пешро пур карда буданду халос. Ровии шабнишинӣ пас аз сухани муқаддамотӣ ба ҳамқаламон ва муқарризону мухлисони нависанда бо навбат сухан медод.

Аммо кам касон ба сухани эшон гӯш медоданд ва донишҷӯёни "мухлис" байни ҳам мисли он, ки дар бозори "Корвон" бошанд, бо садои шунаво суҳбат доштанд. Ҳар сари чанд вақт як марди пурсалобате, ки аз ман як курсӣ он тарафтар менишаст (шояд роҳбарашон ва ё муаллими мутасаддӣ буд), онҳоро ба хомӯшӣ даъват мекард. Садои "хонандагони хушзавқ" (ибораи барандаи маҳфил) бошад, як-ду дақиқа пасттар мешуд ва баъдан ба сатҳи аввала бармегашт. Вале бандаро муносибати донишҷӯён не, балки рафтори "бузургон" ба риққат овард.

Пас аз ним соати оғози барнома алакай "бузургон"-и ин шабнишинӣ, ки дар ду-се қатори аввал менишастанд, ба тарки толор сар карданд. Яке, гӯё кадоме бо кори ниҳоят зарур ба вай телефон карда бошад, "бозичаи асри нав" дар даст саросема берун рафт ва бо ҳамин дигар барнагашт. Бузургвори дигаре, ки ҳамин ҳоло аз минбар навиштаҳои соҳибҷашнро ба арши аъло бароварда буд, тоқат накарда, аз паси бузурги "телефонбоз" сӯи баромадгоҳ роҳ пеш гирифт. Инро дида, чанд донишҷӯ низ тарки толор кардан гирифтанд ва гӯё бо ҳамин ба "устодон" гуфтан мехостанд, ки "сагро ба зӯр ба шикор бурда намешавад". Баъдан раванди тарки толор мисли он шуд, ки гӯё маслиҳат карда бошанд: баъд аз тарки ҳар бузург, аз панҷ то ҳафт "бузурги оянда" тарки толор мекардагӣ шуданд...

Хулоса, то охири ин нишаст алакай аз нисф зиёди толор холӣ шуда буду дар се қатори аввал ду ё се нафар монда буданду халос...

Дуруст аст, ки бояд адибони оянда, шоиру нависандагони оянда ва омӯзгору ҳуқуқшиноси ояндаро дар қатори волидону мактаб ва донишгоҳҳо, инчунин ҷомеа ҳам тарбия кунад. Агар ҷомеа худ соҳиби насли калонсоли "боодоб" ва хуштарбия бошад, чунин вазифаи муҳимро ба дӯши он гузоштан мумкин аст. Вагарна, "ояндадорҳо" он чизеро, ки мо дорем (аз ҷумлаи фарҳанги нишаст дар маҳфилҳо ва иззату эҳтироми ҳамдигар), мегиранду ба болои он чанд "навоварӣ" зам мекунанд ва ин мешавад "одоби ояндасоз"...

Чаро чунин аст ва оё мо наметавонем, ки мисли мардуму миллатҳои дигар фарҳанги шабнишинӣ ва эҳтироми ҳамдигарро риоя кунем? Албатта метавонем, вале барои ин чанд шартро иҷро карданамон зарур аст, ки аввалини он эҳтироми онҳоест, ки чунин ҷашнвора ва ё нишастро ташкил кардаанд. Бояд ба маҳфил танҳо ҳамонҳоеро даъват кард, ки ширкати эшон дар он на сабаби эҷоди мушкил шавад, балки барояшон хушоянд ва зарурию муфид бошад ва дар ҳолати нарасидани "мухлисон" чунин нишастҳоро дар толорҳои хурд ташкил намудан лозим аст. Шарти дигараш он аст, ки шахсиятҳои шинохта ва шоиру нависандагонро на барои он бояд даъват кард, ки сухани худро гӯянду зуд тарки толор намоянд, зеро ин кор на танҳо беҳурматӣ нисбат ба аҳли нишаст, балки ба худи хамон нафаре низ ҳаст, ки ӯро ба ин ҷашнвора ва шаби адабӣ даъват намудааст ва аз ин рӯ вай бояд то охир тоқат кунад.

... Ростӣ, ба нафаре, ки он рӯз ҷашн дошт, дилам сӯхт. Зеро ӯ бо он эҷодиёте, ки дорад ва хизматҳое, ки кардааст, лоиқи чандин нишаст дар толорҳои бузург низ ҳаст, аммо чӣ кунем, ки мо имрӯз кам китоб мехонем ё ҳама ғарқи "Фейсбук"-у "Инстаграм" ҳастем. Онҳое, ки барои интернет "пир шудаанд", киноафсонаҳои туркӣ тамошо мекунанду бехабар аз онанд, ки нависандагони худӣ чанд сару гардан аз онҳо баландтаранд ва беҳтару хубтар ҳам менависанд. Аммо барои дарки ин нукта, бояд то охири маҳфил нишаст...

**А. АҲМАДЗОДА,**
**мухлиси адабиёт**

# ДУ БАХТОВАРИ МИЛЛАТ

## 11 корномаи Шириншоҳ Шоҳтемур ва Абдураҳим Ҳоҷибоев

**Байни шахсиятҳои равшанзамири раҳбарии миллати тоҷик дар солҳои 20-уми садаи ХХ мавзӯи пайвандҳои асили руҳониву маънавии Шириншоҳ Шоҳтемур (1899-1937) бо шахсияти ҳамнаслаш, яке аз бунёдгузорони Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳим Ҳоҷибоев (1900-1938) шабоҳату умумият, хеле зиёд мавҷуданд.**





**1.** Дар синну соли ин ду чехраи тоҷикон қариб тафовут нест, якумӣ соли 1899 ва дувумӣ соли 1900, яке дар Бадахшон, дигар дар Хуҷанд зода шуда, ҳар ду ҳам баробар умр дида ва ҳар ду ҳам дар 38-солагӣ ҷони ҷавонро аз даст дода, қурбони гирдоби шахспарастӣ гаштанд. Онҳо барои шӯравиён Тоҷикистон сохтанд, аммо бар ивази чунин бунёдгарӣ номашон ба душмании шӯравӣ баромад ва дастгоҳи одамкушу одамрабои шӯравӣ сари ононро ба нобудӣ бурд.

**2.** Дарсхонии аввалин дар мактабҳои русии маҳаллӣ: хониши Шоҳтемур соли 1911 дар интернати назди омӯзишгоҳи русӣ-маҳаллии Хоруғ ва хониши А. Ҳоҷибоев аз соли 1910 дар мактаби русии маҳаллии Хуҷанд расмият ёфтааст. Ба ин маънӣ инҳо аз аввалҳои корашон ба дунёи русӣ ва андешаи русӣ ғарқ гаштанд, пайваста русӣ омӯхтанд, ба русӣ навиштанд, ба такмили тафаккури русӣ пардохтанд, байни раҳбарияти сиёсӣ аз русидонҳои сатҳи баланд шинохта шуданд.

**3.** Таҳсили минбаъда ва фаъолияти меҳнатии Шоҳтемур дар шаҳрҳои Осиёи Миёна - Тошканд, Хӯқанд, Фарғона, Хуҷанд, Душанбе (Сталинобод) ва хондану кори А. Ҳоҷибоев дар шаҳрҳои Фарғона, Ҷалолобод, Тошканд, Самарқанд ва Душанбе ҷараён ёфтааст. Ин «тоҷикони пешқадам на танҳо дар Тошканд, балки дар Бухоро, Самарқанд, шаҳрҳои водии Фарғона ва ҳамчунин Бухорои шарқӣ низ буданд. Ва чунин лаҳзаи ҷолиб рӯй дод: Ин тоҷикони ҷавони неруманд, ки ҳамдигарро кам медонистанд, ҳамзамон дар минтақаҳои гуногуни Осиёи Миёна гӯё аҳд кардаанд, ба андешаи эҳёи давлатдории Тоҷикистон бархостанд. Инҳо Нусратуллоҳи Махсум (аз Ғарм), Шириншоҳ Шоҳтемур (аз Помир), Абдуқодир Муҳиддинов (аз Бухоро), Абдураҳим Ҳоҷибаев (аз Хуҷанд), Чинор Имомов (аз Панҷакент) ва дигаронанд. То соли 1924-уми асри гузашта онҳо алакай чун як дастаи нерўманд ҷамъ шуда ва сутунмуҳраи тавонову пуриктидор, ҷонибдори давлатдории ҷавони тоҷик гаштанд» (Қ. Аламшоев). Бубинед, иттиҳоди бузурги раҳбарии Тоҷикистон аз маҳалҳои гуногуни тоҷикнишин дар он давра чӣ натиҷаи хуб доштааст. Ин амр сазовори баҳрамандист!

**4.** Ин ду шахсияти арсаи сиёсат дар дарозои зиндагиашон аз зинаҳои ташвиқгари одии ҳизбӣ то мансабҳои баланди давлатӣ расида ва дар пахлуи ҳам қарор доштанд: Ш. Шоҳтемур чун ҷонибдори ашаддии бунёди ҷумҳурии миллӣ дар ҳайати ҶШС Ўзбекистон ва созмондеҳи ҳукумати аввалини ҶМШ Тоҷикистон аз вазифаи инструктори КМ ҲК(б) ҶМШ Тоҷикистон то раиси Президиуми КИМ Тоҷикистон, дар як вақт яке аз раисони КИМ ИҶШС, узви Шӯрои миллатҳои КИМ ИҶШС расидааст. А. Ҳоҷибоев низ ба сифати яке аз сарсупурдагони ҷонсахти таъсиси ҶМШ Тоҷикистон ва табдили он ба ҷумҳурии мустақили шӯравӣ шуҳрат ёфт, заҳмат кашид, чун нозири халқи зироати Ҷумҳурии Ўзбекистон, муовини раиси Комиссияи ислоҳоти обу замини КМ ҲК(б) Ўзбекистон, раиси Совети комиссарони халқи ҶМШ Тоҷикистон, узви президиуми КИМ ҶМШС Тоҷикистон иқдомҳои хубу ҷолибу назарраси сиёсиву иҷтимоӣ намудааст.

**5.** Ш. Шоҳтемур ва А. Ҳоҷибоев зимни тақсими милливу марзии Осиёи Миёна, таъсиси ҷумҳурии мухтор ва табдили он ба ҷумҳурии мустақили мо дар роҳи шинохти миллати тоҷик ҳам чун ҷавонтоҷики асил ва ҷонфидо заҳмати бедарег ба харҷ дода, ба сифати лидерони воқеии сиёсии миллат дар солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми садаи бист маъруф шуданд.

Манобеъ ва пажӯҳишҳои таърихӣ баёнгари онанд, ки бо саъйи узви комиссияи махсус - А. Ҳоҷибоев, Ч. Имомов, Ш. Шоҳтемур ва дигарон ба Бюрои сиёсии КМ ҲКР(б) (5-уми октябри соли 1924) оид ба таъсиси вилояти мухтор дар Помир ва пайвасти он ба ҶМШ Тоҷикистон руҷуъ шуд ва аз ин муаррихон ба хулосае омаданд, ки маҳз ҳамин санад сабаби таъсиси ҶМШ Тоҷикистон ба ҷойи вилоят гардид. Ҷаҳди беҳамтои ин фардони фидокор дар пайвасти яке аз марказҳои мутамаддини тоҷикон - Хуҷанд ба ҳудуди тоҷикон ва таъсиси ҶМШ Тоҷикистон (1929) ҳам бо ранги зарҳалин навишта шудааст.

Ҳамин тавр давраи бобаракат ва пурсамари рӯзгори ин ду шахсияти абармард ба сифати корманди зинаҳои давлатӣ такрибан 15-17 соли умр будаву халос: давраи сабзиш, рушду нумуъ, камолоти раҳбарӣ ва ғуруби Ш. Шоҳтемур солҳои 1920-1937 ва А. Ҳоҷибоев солҳои 1918-1937 аст, ки давраи зуҳури селаи рӯйдодҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ буд: фирӯз шудани инқилоби рус, бархости инқилоби Бухоро, таъсиси Ҷумҳурии Бухоро, бунёди Ҷумҳурии мухтори шӯравии Тоҷикистон дар ҳайати Ҷумҳурии шӯравии Ўзбекистон ва сипас Ҷумҳурии шӯравии Тоҷикистон. Солҳои 30-юми садаи бист давраи навсозии Тоҷикистони шӯравӣ буд ва корномаи раҳбарии ин ду бо маркази нави иҷтимоӣ-фарҳангии тоҷикон пайванди тангатанг пайдо кард.

**6.** Ширкати ду раҳбари тоҷик дар тоҷикшиносӣ. Дар солҳои 20-уми садаи бист падидаи тоҷикшиносӣ аз ду сӯ қобили диққат буд: роҳи аввал тоҷикшиносии сатҳи академӣ дар шахсияти ховаршиносону муаррихони маъруф, роҳи дувум дар сатҳи шахсиятҳои раҳбарии тоҷик. Тоҷикшиносии раҳбарони он замон баробари ҷадалҳои аҳли пажӯҳиши рус падидаи муҳими тоҷикшиносӣ аст. Яке аз сифатҳои асосӣ ва хоси мақомоти раҳбарии тоҷик аз замони таъсиси Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба таърихи халқ ва таълифи асарҳо оид ба таърихи тоҷикон мебошад: навиштаҳои Абдуқодир Муҳиддинов, Нусратуллоҳ Махсум, Ширишоҳ Шоҳтемур, Чинор Имомов, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Аббос Алиев аз рисола, фишурдаҳо ва номаҳо иборат буданд. Хоса, дар номаи Шоҳтемур ба И. В. Сталин (1926) қазияи тоҷикон ҷиддан таҳлил шудааст. Ба шаҳодати Муҳаммадҷон Шакурӣ «Ш. Шоҳтемур бо коргарони русу Ҳизби коммунист зиёд иртибот дошт, ба ин қарор омадаанд, ки нома танҳо бо имзои Шоҳтемур биравад» (дар ин бора ниг.: Равшангари бузург, Душанбе, 2006).

Барои дарки аҳамияти А. Ҳоҷибоев дар заминаи тоҷикшиносӣ ду асар - «Тезисҳо оид ба вазъи тоҷикон» (1924) ва рисолаи «Тоҷикистон» (1929, 1930, ба тоҷикӣ ва русӣ) арзиши назаррас доранд, ки ҳангоми 24 ва 29-солагиаш падид омадаанд. «Тоҷикистон» назарияи шинохти таърихи миллати тоҷикро бар асоси ҳастии маънавии он дар пай дорад, ки ба дарки пояи илмӣ ва назарии пайдоиши қавми тоҷик то андозае мусоидат намуд. Бо ин рисола ва асарҳои ҳамному ҳаммонанди он исботи халқи тоҷик ва забони ғаноманди он муяссар гардид. Ба ин маънӣ амали тоҷикшиносӣ ҳам моҳияту сифати ягонаи корҳои ин ду арбоби барҷастаи миллати тоҷикро бозмегӯяд.

**7.** Хидматҳои Ш. Шоҳтемур ва А. Ҳоҷибоев дар он давраи хассос ба сифати намояндаи ҷараёни зидди пантуркия дар Тоҷикистон ва Осиёи Миёна низ арзиши баланд доштанд. Ин ду сарвари тоҷик хидмати муҳим ва шоиста дар қомат рост кардани кохи нави сиёсат, фарҳанг ва иҷтимоиёт ба ҷой оварда ва аммо дар ин роҳ сари ҷавонашонро ба тундбоди ҳодисаҳои замона бохтанд. Ва яке аз нишонаҳои раднопазири бадном шуданашон ҳам ҷонфидоияшон дар амри шинохти миллати тоҷик ва ҳайсият бахшидан ба миллати тоҷик дар замони нав ва билхоса талош барои арзишҳои миллӣ дар ҳаққи тоҷикон аст. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат ҳам авҷи ситезу ошӯб бар зидди фаъолият ва мақоми ин ду дар байни садҳо фидоиён хеле боло рафт: оқибат саркӯб шуданд.

**8.** Пас аз саркӯбии шадиди ҳизбиву давлатӣ Ҳоҷибоев се-чаҳор соли охири умр дар ихтиёри Кумитаи марказии Ҳизби коммунист дар Маскав монд (1934-1937), шунавандаи Институти иктисодии Профессураи сурх шуд (макони зисташ дар Маскав, кӯчаи Серафимович, бинои 2, хонаи 387 буд, он ҷо Н. Махсум низ будааст). Соли 1932 Ш. Шоҳтемурро низ барои таҳсил ба Институти Профессураи сурхи Маскав фиристоданд, аммо соли 1933 ӯро бозхонда, ба вазифаи раиси Президиуми КИМ Тоҷикистон баргузиданд.

**9.** Давраи гунохҷӯй аз ду шахсияти сиёсӣ низ монандӣ доранд: Ш. Шоҳтемурро вақти дар Маскав буданаш аз ҷониби НКВД дастгир карда ва ба сараш тамғаи иштирокчии ташкилоти зиддишӯравии миллӣ задаанд. 21-уми октябри соли 1937 аз ҷониби Коллегияи ҳарбии СССР ба марг маҳкум ва 27-уми октябр дар полигони Коммунарка парронда шуд. 11-уми августи соли 1956 боз аз ҷониби ҳамон Коллегияи ҳарбии СССР комилан сафед гардид. А. Ҳоҷибоев пештар аз Ш. Шоҳтемур 8-уми июли соли 1937 ҳабс ва баъдтар аз ӯ 25-уми январи соли 1938 ба тухмати ширкат дар корҳои зидди инқилоб ва терроризм дар ҳамон полигони Коммунарка ба қатл расид ва бегуноҳияш танҳо пас аз анҷумани ХХ-уми Ҳизби коммунист 28-уми декабри соли 1957 таъйид гашт. Аз ин рӯ, инҳо чун ду намунаи раднопазири чехраи миллӣ дар «террори бузург» дар репрессияи сталинӣ нобуд шуданд. Сафед шудани Ш. Шоҳтемур ва А. Ҳоҷибоев намунаи фавқулодаи ҳифзи адолату ҳақиқати таърих дар ҷомеаи тоҷикон аст. Шинохти ҷойгоҳи онҳо бо ҳама мушкилу иштибоҳ дар дарки дирӯз ва имрӯзу фардои миллати тоҷик ҳамеша муҳим хоҳад буд.

**10.** Ҳамкорӣ ва ҳамназарии ду раҳбари матинирода боиси пешрафти соҳаҳои гуногун буданд. Инҳо барои таъсиси нашриёҳои тоҷикӣ саҳм ва дар бедории сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ибтидои солҳои 20-и садаи бист нақши муҳим гузоштанд. Барои ошкор шудани моҳияти ин хидмати муҳими фарҳангӣ изҳори Ш. Шоҳтемур дар пленуми IV КМ ҲК(б) Тоҷикистон (аз 14-уми феврали соли 1936) ҷолиби диққат аст. Дар он аз таъсиси рӯзномаи «Овози тоҷик» дар Самарқанд (сентябри соли 1924) санад ҳаст: «Дар назди КМ ҲК(б) Туркистон сексияи коммунистии тоҷикон арзи вуҷуд мекард, ки вазифаи сардории онро дар ихтиёр доштам. Мо бояд нахустин рӯзномаро таъсис медодем, аммо маблағ надоштем. Ман бо Ҳоҷибоев ошно шудам ва ӯ чун раиси оянда облконцесскоми вилояти Фарғона барои таъсиси ин нашрия 2000 сӯм маблағ дод» (ин матлаб аз бойгонии Институти таърихи ҳизби КМ ҲКТ, з. 3, р. 248, п. 2627, в. 7, р. 3, п. 171, в. 454, 455)

**(Давомаш дар саҳ. 15)**



## ДАРГУЗАШТИ ФАЙЗИГУЛ ЮСУФӢ

**Файзигул Юсуфӣ - сарояндаи саршиноси тоҷик баъди ҷарроҳии омоси сар дар шаҳри Деҳлӣ - пойтахти Ҷумҳурии Ҳиндустон аз олам даргузашт. Марҳум 50 сол дошт. Аҳли ҳунар ва мухлисон даргузашти ӯро талафоти азим барои санъати тоҷик арзёбӣ намуданд.**

Файзигул Юсуфиро шаби 2-юми декабр аз Деҳлӣ ба Ватан оварданд. Ҷанозаи ӯ рӯзи 3-юми декабр бо иштироки аҳли ҳунар ва мухлисонаш дар зодгоҳаш - шаҳри Ваҳдат баргузор шуд.

Файзигул Юсуфӣ (Юсупова) 31-уми майи соли 1974 дар шаҳри Ваҳдат таваллуд шудааст. Ӯ аз зумраи сарояндагонест, ки дар солҳои душвори 1990-ум вориди майдони ҳунар шуд. Вақте дар кишвар ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт ва садои ҳунармандонро шиллики тиру туфанг хомӯш мекард, ӯ дар саросари Тоҷикистон дар тӯю сури мардум суруд мехонд ва лаҳзае ҳам бошад, онҳоро ба зиндагӣ дилгарм мекард.

"Дар солҳои 90-ум ман соле 2-3 консерт дар калонтарин толори кишвар "Кохи Борбад" баргузор мекардам. Ғайр аз курсиҳо, мухлисон дар роҳравҳо менишастанд. Наметарсидам, зеро ҷавон будаму нотарс. Фақат дар бораи ҳунар фикр мекардам, дигар ҳеҷ",- гуфта буд Файзигул Юсуфӣ дар барномаи **"РӮ ба РӮ"-и ютубканали PRESSA.TJ.**

Файзигул Юсуфӣ аз зумраи сарояндагоне буд, ки сурудҳои халқии тоҷикиро бо коркарди нав иҷро мекард ва ба ин васила дар қалби мухлисон ошён гузошта буд. Ӯ сурудҳои зиёди эстрадӣ иҷро кардааст, вале муваффақияташ дар иҷрои сурудҳои мардумӣ, монанди "Деҳқонбача" буд. Сурудҳояш "Тӯёна", "Нигор", "Наврӯз", "Намешиносӣ", "Аз Тоҷикистонам", "Шукронаи ободии Ватан", "Деҳқон бача", "Эй ҷон" ва ғайра миёни мухлисон маҳбубият доштанд. Ӯ сурудҳои Ватандӯстонаро низ бо маҳорати баланд иҷро мекард.

# КОНИБОДОМ. ТЕАТР ЧӢ ҲОЛ ДОРАД?

**Театри давлатии мусиқӣ-драмавии ба номи Тӯҳфа Фозиловаи шаҳри Конибодом яке аз аввалин муассисаҳои фарҳангии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Зимни сафари хидматӣ ба шаҳри Конибодом бо вазъи кунунии ин театр ошно шудам. Талошҳо ва дастовардҳои аҳли ҳунар маро ба ҳайрат гузошт, вале ҳолати бинои театр ба риққат овард…**







### НИГОҲЕ БА ТАЪРИХ

Театр соли 1932 аз ҷониби Комил Ёрматов таъсис ёфта, дар рушду нумӯи санъати тоҷик саҳми босазо гузоштааст. Нахустин ҳунармандони ин театр Тӯҳфа Фозилова, Лутфӣ Зоҳидова, Комил Ёрматов фаъолияти хешро маҳз дар ҳамин боргоҳи ҳунар оғоз намуда, баъдан ба ситораҳои барҷаста табдил ёфтанд.

Дар саҳнаи Театри Конибодом дар тӯли фаъолияти 92-солаи он даҳҳо намоишномаҳои гуногунмазмуну гуногунжанр ба саҳна гузошта шуда, пешкаши тамошобинон гардидаанд.

Дар ин театр Ҳунарпешаҳои шоистаи Тоҷикистон Ҷӯрахон Искандаров, Кимсан Махкамов, Латофат Орипова, Ҳунарпешаи шоистаи Ӯзбекистон Исҳоқҷон Қодиров ва дигар ҳунармандон нақшофарӣ намуда, дар инкишофи санъати касбии тоҷик саҳми босазо гузоштаанд. Ҳунармандони ин театр дар даҳаҳои шаҳри Москва ширкат варзида, соҳиби ифтихорномаю мукофотҳои давлатӣ гаштаанд.

Яке аз нахустин намоишномаҳои театр - ин асари С. Саидмуродов "Зафар ва Зарринa" буд, ки соли 1969 ба саҳна гузошта шуд. Ҳунармандони ин театр - Истад Мамаҷонова, Дилором Баҳромова, Болтабой Бӯриев, Комилҷон Туронов, Солиҷон Холиқов, Баротбой Содиқов, Мукаррама Рустамова, Шарофат Эргашева, Шаҳрӣ Каримова ва дигар ҳунармандон кору фаъолияташонро маҳз дар ин даргоҳи ҳунар оғоз карда, минбаъд дар спектаклҳо бо нақшҳои ҷолиби худ ба дили тамошобинон роҳ ёфтанд.

### КАДРҲОИ НАВ

Соли 1975 барои боз ҳам пурра кардани сафи санъаткорони театр бо кадрҳои соҳибмаълумот бо Қарори Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ як гурӯҳ ҷавонони боистеъдоди Конибодом ба студияи актёрии Донишгоҳи ҳунарҳои зебо шомил гаштанд. Соли 1979 ин гурӯҳ бо 3 намоишномаи дипломии худ: "Бемори хаёлӣ"-и Жан Батист Молер, "Зангирӣ"-и Николай Гогол, "Гирдоб"-и Султон Сафаров ба Конибодом омада, фаъолияти худашонро оғоз карданд. Ҳамин тавр, театр дорои актёрони касбӣ гардид, аз он ҷумла Юнусалӣ Эргашев, Дилбар Сулаймонова, ки то ҳол дар ин даргоҳи ҳунар фаъолият доранд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ низ барои таъмин кардани театр бо кадрҳои соҳибмаълумоти ҷавон, роҳбарияти муассиса тасмим гирифт, ки дар назди театр студияи актёрӣ ташкил кунад. Навврасону ҷавонони боистеъдод ба ин студия шомил шуданд. Дастпарварони ин студия баъдан дар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати ба номи Мирзо Турсунзода таҳсил карда, ба театр баргаштанд. Аз ҷумла Муҳиддини Музаффар, Фарҳод Ғаффорпур, Фарҳод Сиддиқов, Суҳроб Шехов, Фаррух Ваитов, Наимҷон Мирзобобоев ва дигарон. Бо талоши ин ҷавонон солҳои охир театр ба дастовардҳои беназир ноил гардид. Театр борҳо дар озмуни театрҳои касбии "Парасту" дастболо шуд. Намоишномаи "Қорӣ-ишкамба"-и Муҳиддини Музаффар ҷойи аввалро сазовор гашт. Намоиши "Садои қу" дар таҳияи Авлиёқулӣ Хуҷақулӣ бошад, сазовори "Шоҳҷоиза" гардид...

### УМЕД БА ОЯНДА

Бо чанд нафар аз ҳунармандони театр ҳамсуҳбат шудам.



**Юнусалӣ Эргашев, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон:**

- Дар студияи назди театр ҷавонони боистеъдод тарбия ёфтанд. Яке аз онҳо Муҳиддини Музаффар - на фақат ҳамчун актёр, балки чун режиссёр низ машҳур шуд. Ӯ таъсисдиҳандаи "Суғдсинамо" ва "Довфилм" аст, филмҳояш сазовори ҷоизаҳои байналмилалӣ гаштанд. Дигар дастпарварони театр - Ғайрат Қодиров - директор, Фарҳод Ғаффорпур - коргардон, Фарҳод Сиддиқов - муовини директор имрӯз барои пешбурди кори театр фаъолият доранд.



**Раҳмонова Мунаввара, Аълочии фарҳанги Тоҷикистон**

- 35 сол мешавад, ки ман дар ин театр кор мекунам. Нақшҳои зиёд офаридам. Феълан, ҷавонони театри мо дар интернет фаъол ҳастанд. Ҳамкорони ҷавони мо - Ғайрат Қодиров ва Фарҳод Ғаффорпур силсилафилми бадеии "Хона"-ро ба навор гирифтанд, ки ман дар он нақши ҷодугарро бозидам. Ин силсилафилм дар "Ютуб" тамошобини зиёд пайдо кард. Дар давраи коронавирус барномаҳои бачагонаро низ омода кардем. Умед аст, ки боз ҳам асарҳои нав ба саҳна гузошта шаванд.



**Дилбар Сулаймонова, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон**

- Ман аз соли 1980 дар театр кор мекунам. Солҳои 2012-15 роҳбари театр будам. Соли 2025 Ҷашнвораи "Парасту" баргузор мешавад. Орзу дорам, ки ба он як намоиши хуберо омода кунем. Маъмурияти театр тасмим гирифт, ки дар назди театр боз аз нав студияи актёрони навраси шаҳр таъсис дода шавад. Баъди кастинге, ки миёни хонандагони мактаб эълон кардем, беҳтаринҳоро интихоб намудем. Акнун бо онҳо кор мекунем, то дар оянда театрро обод кунанд.

### ВАЗЪИ КУНУНӢ

Айни замон дар Театри Конибодом кори эҷодӣ дар ҷӯшу хурӯш аст. Вале ҳолати бинои театр касро ба риққат меорад. Биной якошёнаи театр лойӣ буда, дар ҳолати садамавӣ қарор дорад. Умед аст, ки масъулини шаҳри Конибодом даст ба кор мешаванд ва барои сохтмони бинои театр иқдом мекунанд.

**Саида РУСТАМОВА,
мудири шуъбаи фарҳанг ва санъатшиносии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот**

# ТАҶЛИЛИ 100-СОЛАГИИ СОҲИБ ТАБАРОВ



**30-юми ноябри соли ҷорӣ дар ноҳияи Муъминобод бахшида ба 100-солагии чеҳраи саршиноси адабӣ, мунаққиди барҷастаи тоҷик Соҳиб Табаров чорабинии сатҳи баланд баргузор гардид.**

Дар он намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Комиссияи олии аттестатсионӣ, Вазорати маориф ва илм, ҳамчунин аҳли илму адаб иштирок ва суханронӣ намуданд.

Нахуст бо иштироки мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ Пайшанбезода Муҳиддин Шоҳинбод, муовини раиси вилояти Хатлон Анзурат Абдусаломзода, раиси ноҳияи Муъминобод Амирзода Сайвалӣ Раҳмоналӣ, ҷонишини вазири маориф ва илм Ҷамшед Ҷӯразода ва аҳли илму адаб дар саҳни оромгоҳ ва "Ганҷинаи адабии Соҳиб Табаров" парда аз нимпайкараи ин адабиётшиноси маъруф бардошта шуд. Сипас, меҳмонон аз ганҷинаи нақди адабии ин чеҳраи саршиноси адабӣ дидан намуда, ҳамзамон, оромгоҳи шодравонро, ки ба тозагӣ навсозӣ шудааст, зиёрат намуданд.

Сипас, дар бинои қасри фарҳанги ноҳия ҳамоиши бошукӯҳ баргузор гардид, ки дар он олимони саршинос Муҳаммад Абдураҳмон, Аламхон Кучарзода, Абдулҳaй Маҳмадаминов, Раҳмон Дилшод Сафарбек, Ҳафиз Раҳмон, Салими Хатлонӣ ва дигарон доир ба ҳаёту фаъолият ва хизматҳои ин чеҳраи тобноки адабии тоҷик дар илму адабиёт суханронӣ карданд.

Зикр гардид, ки Соҳиб Табаров дар деҳаи Чорраҳаи ҷамоати Чилдухтарони ноҳияи Муъминобод чашм ба олами ҳастӣ кушода, барои донишомӯзӣ роҳҳои Самарқанду Панҷакент, Кӯлобу Сталинободро паймудааст. Фаъолияти ин мунаққиди мумтози тоҷик аз нимаи дуюми солҳои чилуми асри XX оғоз ёфта, то вопасин рӯзҳои умр идома ёфтааст. Номбурда муаллифи қариб 1000 асари илмӣ, таълимӣ ва публитсистӣ мебошад. Китобҳояш «Маводҳо оид ба омӯхтани адабиёти советии тоҷик» (1948), «Садриддин Айнӣ - асосгузори адабиёти советии тоҷик» (1954), «Пайрав Сулаймонӣ» (1962, 2012), «Мирсаид Миршакар» (1962), маҷмӯаи панҷҷилдаи мақолаҳои «Ҳаёт, адабиёт ва реализм» (1966-1989), «Дастури таълим оид ба назарияи танқиди адабӣ» (к. 1 - 1980; к. 2 - 1983), «Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти адабиётшиносӣ» (1980, 1988) «Мунозира»-и Абдурраufи Фитрат» (1997), «Ҷаҳони андешаҳои Абдурраufи Фитрат» (ч. 1 - 2008, ч. 2 - 2009), "Мунзим" ва ғайра бехтарин офаридаҳои Соҳиб Табаров мебошанд.

Айни замон дар бойгонии ин олим беш аз 100 дастнависи нашрнашуда мавҷуданд. Яке аз онҳо асарест бо номи «Таассуроти ақлу дил», ки қисми нахустини он нашр ва пас аз ҳамоиш рӯнамой шуд. Дар оянда 9 китоби дигари ҳамин силсила нашр хоҳад шуд.

Соҳиб Табаров бо се ордени «Нишони фахрӣ», Грамотаҳои Фахрӣ, Аълочии маорифи ҷумҳурӣ, Ходими Хизматнишондаи илми Тоҷикистон, ордени «Дӯстӣ», Ҷоизаҳои ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, профессори фахрии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи омӯзгории ба номи С. Айнӣ қадршиносӣ шудааст. Марҳум узви вобастаи АМИТ буд.

Соҳиб Табаров 12-уми апрели соли 2015 олами ҳастиро падруд гуфт. Марқадаш бо ҳамсараш олими намоён Яблонская Ванда Витолдовна дар ҳавлии ганҷинаи адабиаш аст.

Аз онҳо ду фарзанд ба мерос мондааст: Саодатҷон ва Темурҷон.

**Нурулло ҲАСАНОВ,**
**Н. Меъминобод**

### АЗ ДАФТАРИ «ТААССУРОТИ АҚЛУ ДИЛ»

*Забони адабии миллии ҳозираи тоҷик, забони Айнии бузургро тоза, соф, шаффоф ва пок доштан ва онро муқаддас шуморидан вазифаи фахрӣ ва ҳатто ҷонии ҳар як адиби тоҷик мебошад.*

***

*Бо як чашма ва наҳри деҳаву маҳали худ зиндагии пешрафта кардан мушкил аст.*

***

*Мафҳуми Ватан барои банда чизи аз ҳама қиматтарин ба ҳисоб меравад.*

***

*Ба кадртайёркунӣ чун боғбони ғамхор назар кардан лозим аст.*

***

*Халқ абадист. Таърих абадист. Давлату миллат абадист. Кору кирдори нек ва муҳаббат ба халқу Ватан абадист.*

***

*Ақли инсон ҳам имкониятҳои калон дорад, ки он дониши беҳисобро аз худ намояд.*

***

*Зиёӣ категорияи ахлоқӣ аст. Ӯ озодии ботинӣ дорад.*

***

*Дӯсти ҷонӣ ҳам он донишу маърифат, ақлу фазилатро дода наметавонад, чӣ навъе, ки китоб медиҳад.*

***

*Китоб тақдири инсонро хуб, нек ва аҷибу зебо мегардонад.*

***

*Кори эҷодӣ ва кори илмӣ қурбонии зиёдеро талаб мекунад.*

***

*Ҳама вақт хоксор ва шикастанафс будан лозим аст.*

***

*Некон бо халқи азизашон ва Ватани маҳбубашон зинда хоҳанд монд.*

***

*Бо хушомадгӯӣ ва тамаллуқкорӣ муборизаи беамон бурдан лозим аст.*

***

*Адабиёт манбаи ақлу фаросати инсон аст.*

**Таҳияи Н. ҲАСАНОВ**

Низорамоҳ Зарифова

# СИЁСАТМАДОРЕ ДАР ПАҲЛУИ 6 САРВАРИ ТОҶИКИСТОН

**Ходими барҷастаи давлативу сиёсӣ Низорамоҳ Зарифова дар 101 соли умри хеш шоҳиди таъсиси Тоҷикистон, барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон буд. Ӯ давоми 60 соли фаъолияти корӣ бо шаш сарвари Тоҷикистон - Бобоҷон Ғафуров, Турсун Ӯлҷабоев, Ҷаббор Расулов, Раҳмон Набиев, Қаҳҳор Маҳкамов ва Эмомалӣ Раҳмон кору фаъолият кардааст.**

Низорамоҳ Зарифова 6-уми ноябри соли 1923 дар деҳаи Шеҳвесии ноҳияи Ховалинг ба дунё омадааст. Падараш Одина Махсум (1896-1928) дар деҳаи Мазори Ҳазрати Султон камол ёфта, аз зумраи ашхоси донишманд будааст. Модараш Шарифамоҳ ҳамчун зани ҳунарманд байни мардум маҳбубият дошт. Авлодони модарӣ ва падарияш шахсони босавод, донишманд, номдору номбардор ва маъруфу машҳури замони хеш, хатмкардагони мадрасаҳои Мазори Ҳазрати Султон, Қуллаки Шеҳвесӣ ва Бухоро буда, истеъдоди баланди модарзодӣ доштанд.

Оилаи онҳо аз Ховалинг ба деҳаи Пушиёни Поёни ноҳияи Восеъ кӯчид. Падараш Одина дар шашсолагии Низорамоҳ аз дунё рахти сафар баста, ӯ, акааш Абдулазиз, хоҳараш Рухсоромоҳи шашмоҳа дар тарбияи модараш Шарифамоҳ мемонанд. Баъдтар, модараш ба Зариф ном сокини ҳамин деҳа хонадор мешавад ва Низорамоҳ дар тарбияи ӯ ба воя мерасад ва насабаш низ аз номи ин мард аст.

Низорамоҳ Зарифова Омӯзишгоҳи омӯзгории Кӯлоб (соли 1941)-ро хатм карда, дар вазифаҳои мудири шуъбаи кумитаи комсомол ва мудири шуъбаи кадрҳои кумиҷроияи шаҳри Кӯлоб (солҳои 1941-1945), мудири шуъбаи мактабҳои кумитаи комсомоли вилояти Кӯлоб (солҳои 1945-1947), мудири шуъбаи занони кумитаи ҳизбии вилояти Кӯлоб (солҳои 1947- 1952) фаъолият намудааст. Пас аз хатми мактаби олии ҳизбии шаҳри Москва (соли 1955), мудири шуъбаи занони КМ ҲК Тоҷикистон (солҳои 1955-1956), котиби КМ ПК Тоҷикистон (солҳои 1956-1966), муовини раиси Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1966-1978) интихоб гашта, дар иҷрои вазифаҳо барои дигарон намунаи ибрат буд. Чандин маротиба вакили Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон ва СССР интихоб гаштааст.

Хизматҳои арзандааш бо ду ордени Ленин, се ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, ду ордени «Нишони фахрӣ», се медал ва ифтихорномаҳои Президиуми Совети Олии СССР ва РСС Тоҷикистон қадр шуданд.

Низорамоҳ Зарифова дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар паҳлуи Пешвои миллат қарор гирифта, барои барқарор кардани сохти конститутсионӣ ва истиқрори сулҳу осоиштагӣ ва ваҳдату ягонагӣ дар Тоҷикистон талош кардааст. Дар ҳайати ҳукумати Тоҷикистони навин низ фаъолият карда, нахустин раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи кишвар буд.

Гарчанде Низорамоҳ Зарифова солҳои охир бознишаста буд, вале пайваста дар чорабиниҳо иштирок ва суханронӣ намуда, ба бонувони сиёсатмадор маслиҳату машварат медод.

Ӯ аз ҷумлаи сиёсатмадороне буд, ки ҳамеша барои беҳбудии рӯзгори мардум талош мекард. Дар як суҳбаташ номбурда фалсафаи сиёсии хешро чунин баён карда буд: "Сиёсатмадор нафарест, ки на барои худ, балки барои миллат кор мекунад, аз манфиатҳои шахсияш мегузарад".

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли гузашта дар паёми табрикотии хеш бахшида ба 100-солагии ходими сиёсию давлатӣ, собиқадори меҳнат Низорамоҳ Зарифова таъкид кардаанд:

**"Низорамоҳ Зарифова, наҷибтарин хислат ва коре, ки инсон дар тӯли ҳаёти худ метавонад анҷом диҳад, хизмати шоиста ба халқу Ватан ва миллати хеш аст, ки умри бобаракати Шумо намунаи барҷастаи он аст. Тамоми ҳаёти пуршебу фарози Шумо бо таърих ва тақдири Тоҷикистони азиз вобаста мебошад. Бонуе, ки аз ҳеҷ мушкил наҳаросида, тамоми ҳаёт ва фаъолияти хешро ба рӯзгори миллати худ пайванд додааст, дарси ибрат ва ифтихори занону бонувони тоҷик ба шумор меравад. Яъне, Шумо яке аз шахсиятҳои намоёни сиёсат, иҷтимоиёт ва фарҳанги миллӣ ҳастед, ки матонат ва масъулиятшиносии Шумо имрӯз барои садҳо нафар занону бонувон намунаи фаъолияти содиқона ба давлат ва халқи Тоҷикистон мебошад".**

Ин баҳои сарвари давлат инъикосгари кору рӯзгори сиёсатмадори барҷаста, ходими давлативу ҷамъиятӣ Низорамоҳ Зарифова аст, ки шоми 30-юми ноябр дар синни 101-солагӣ аз олам даргузашт.

**Шоиста ИСМАТЗОДА,**
**ходими илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш**

# ШАЙХ РАШИД ИБНИ САИД - ҲОКИМИ ДУРБИН

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Дарсҳои шайх Рашид ибни Саид беохиранд. Ӯ таҷассумгари қудрат буд. Ӯ омӯзгор буд. Ӯ Ҳоким буд ва муҳимтар аз ҳама - ӯ падари ҳамагон буд.

Рӯзи ӯ бо намози бомдод, Фаҷр, оғоз мешуд ва маҳз аз ӯ ман омӯхтам, ки ҳар рӯзро бо намоз оғоз кунам.

Падарам бомдод аз хоб мехест, то намоз хонад ва пас аз он фавран аз паси кор мешуд. Ӯ корро аз назорати иҷрои лоиҳаҳои ҷорӣ оғоз мекард. Пеш аз наҳор ӯ одатан дар назди қаср менишаст ва мансабдоронро қабул мекард, пас аз он ба дафтари худ дар наздикии халиҷи Дубай-Крик мерафт, то бо роҳбарони лоиҳаҳо мулоқот кунад. Ба ман писанд буд, ки падарамро гӯш кунам, вақте ки ӯ онҳоро дар бораи пешрафти рушди лоиҳаҳои гуногун пурсон мешуд. Онҳо ҳамеша дар ҳайрат мемонданд, ки ӯ аз худи онҳо дар бораи кори онҳо бештар медонад, зеро ӯ ҳар рӯз субҳи барвақт аз иншоот боздид мекард. Баъд аз он ӯ ба хона бармегашт, то наҳориро, ки модарам барои ӯ омода карда буд, бихӯрад.

Падарам на танҳо як маротиба дар як рӯз бо мардум мулоқот мекард, балки пас аз намози аср (намози пеш аз ғуруби офтоб) ва мағриб (намози шом) низ боз мулоқот мегузаронд.

Сафари зуд-зуд ба иншооти шаҳр се бартарӣ дошт. Аввалан, ҳар як роҳбари лоиҳа медонист, ки барои беэътиноӣ ё сустӣ ҷой нест. Дувум, дастаҳое, ки рӯи ин лоиҳаҳо кор мекарданд, медонистанд, ки шайх Рашид ба лоиҳаҳо таваҷҷуҳ дорад ва ба онҳо диққат медиҳад. Ин онҳоро водор мекард, то сахттар кор кунанд ва ба дастовардҳои бештар талош намоянд. Савум, ин рушди коррупсия ва қонуншиканиҳои молиявиро пешгирӣ мекард - ҳар як пудратчӣ ва мансабдор медонистанд, ки онҳо зери назорати ҷиддии шайх Рашид қарор доранд. Дидан кардани ӯ аз иншоот барои кормандон паём ва барои роҳбарон ва мансабдорон дарс буд.

Аз як тараф, шайх Рашид ҳамеша кӯшиш мекард, ки обрӯи Дубайро нигоҳ дорад ва мекӯшид, ки ҳама пардохтҳоро ба пудратчиён ва соҳибкорон зуд ва мунтазам анҷом диҳад. Ӯ мегуфт, ки сарвати аслии мо обрӯи мост дар байни тоҷирон. Аз тарафи дигар, ӯ ҳеҷ гоҳ ягон манипулятсияро нисбати қонунҳо ё қоидаҳо қабул намекард.



*Бо падар ва бародарам шайх Ҳамдан ибни Рашид Ал Мактум, соли 1963*

Падарам як аспи зебоеро парвариш мекард, ки ӯро Саклавӣ меномид. Ӯро аз шишача ғизо медод, ром мекард ва таълим медод - ҳамаи инро ӯ худаш мекард. Саклавӣ, ки шайх Рашидро дӯст медошт, калон шуд ва шайх Рашид низ ӯро дӯст медошт. Ӯ шомгоҳон аспсаворӣ мекард, вақте ки боз аз иншооти сохтмонӣ боздид мекард. Дар хона, аспи ӯ озодона дар атрофи аспхона мегашт ва дар охир то дари қаср мерасид. Падарам ба Саклавӣ омӯхта буд, ки вақте ӯ дасташро мебардошт, пойи пешашро бардорад ва ба як зону нишинад бо фармони ӯ. Падарам ҳеҷ гоҳ Саклавиро намебаст. Ӯ ба майдончаҳои лоиҳаҳо мерафт, аспро бе банд мегузошт. Саклавӣ паси падарам мерафт, мисли як ғуломи итоаткор ва сипас паси ӯ меистод, вақте ки ӯ бо роҳбарони иншоот суҳбат мекард. Ман Саклавиро дӯст медоштам, зеро фаҳмидам, ки мо ҳислатҳо ва эҳсоси мушобеҳ доштем.

**ПАДАРАМ ҲЕҶ ГОҲ САКЛАВИРО НАМЕБАСТ. Ӯ БА МАЙДОНЧАҲОИ ЛОИҲАҲО МЕРАФТ, АСПРО БЕ БАНД МЕГУЗОШТ. САКЛАВӢ ПАСИ ПАДАРАМ МЕРАФТ, МИСЛИ ЯК ҒУЛОМИ ИТОАТКОР ВА СИПАС ПАСИ Ӯ МЕИСТОД, ВАҚТЕ КИ Ӯ БО РОҲБАРОНИ ИНШООТ СУҲБАТ МЕКАРД.**

Шайх Рашид идорае дошт, ки дар бандари Дубай-Крик ҷойгир буд. Тавассути тирезаи шишагии зебо, ки ба крани борбардорӣ менигарист, ӯ ҳаракати киштиҳо, молҳо ва ашёи хом, инчунин боркунӣ ва борфарории онҳоро мушоҳида мекард. Ӯ ҳамаи киштиҳо ва соҳибонашонро мешинохт. Ӯ ҳатто ҳаҷми молҳо ва ашёи хомро дар маҳал медонист. Вақте ки баъзе тоҷирони нав кӯшиш мекарданд аз пардохти боҷҳои гумрукӣ канорагирӣ кунанд, бо шикоятҳо муроҷиат менамуданд, шайх Рашид ба онҳо ёдрас мекард дар бораи киштиҳояшон ва тиҷорати шукуфандаашон, шарҳ медод, ки ҳукумат ҳақ дорад ҳиссаи худро талаб кунад. Тоҷирон ҳамеша аз он хайрон мешуданд, ки шайх Рашид дар бораи фаъолияти тиҷоратии онҳо тавассути халиҷ медонад, барои ин онҳо ба ӯ эҳтироми зиёд ва қадршиносӣ нишон медоданд.

Аз аввал падарам диққати худро ба рушди бандари Крик равона кард. Ҳадафи муҳимтарин барои ӯ васеъ кардан, чуқур кардан ва кушодани роҳи обӣ барои қабули киштиҳои калонтар буд. Бо ин мақсад шайх Рашид фармон дод, ки бандар чуқур карда шавад. Санг ва реге, ки истихроҷ мешуд, барои барқарор кардани ҳудудҳое, ки мунтазам аз ҷониби мавҷҳо зери об мемонданд, истифода мешуд. Сипас ин заминҳо фурӯхта мешуданд, то хароҷоти корҳоро пӯшонанд. Дар натиҷа, Крик чуқуртар шуд ва киштиҳои бештару калонтарро ҷалб кард, ки ба рушди минбаъдаи тиҷорат дар Дубай мусоидат намуд. Аз он лаҳза ман аз падарам ишқи лоиҳаҳоеро, ки шаҳрро беҳтар мекунанд, ба мерос гирифтам.

Даврони ҳукмронии падарам бо фаровонии лоиҳаҳо, ки ӯ оғоз кард, хос буд, аз ҷумла кушодани бандари Дубай-Крик ва Фурудгоҳи байналмилалии Дубай, инчунин ширкатҳо дар соҳаи телекоммуникатсия, обтаъминкунӣ ва барқ. Ғайр аз ин, ӯ такмили беморхонаи Ал Мактум ва дигар сармоягузориҳоро дар рушди иҷтимоӣ назорат мекард. Диди ман дар бораи роҳбар, хоҳ дар ҳукумат ё дар тиҷорат, шахсе аст, ки пешрафтро амалӣ мекунад, месозад ва ба дигарон хидмат мекунад.

Аз синни хурдӣ ман дарси муҳим гирифтам, ки роҳбар шахсе аст, ки барои татбиқи самараноки лоиҳаҳо қобилият дорад. Ман ҳамчунин омӯхтам, ки ҳар дирҳам арзиш дорад ва бояд бо заковат сарф шавад. Фарҳанги идоракунӣ, ки аз ҷониби шайх Рашид ибни Саид офарида шудааст, бар принсипҳои хароҷоти оқилона ва худдорӣ кардани ҳукумат аз амалҳои исрофкорӣ асос ёфтааст. Яке аз калидҳои муваффақияти Дубай - ин арзишҳои идоракунӣ аст, ки шайх Рашид ворид кардааст, арзишҳое, ки ҳоло кишварро муайян мекунанд ва аз ҷониби тамоми мардум қабул шудаанд.

**(Давом дорад)**

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ
ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

FIFA

# ТОҶИКИСТОН ДАР РЕЙТИНГИ ҶАҲОНӢ ЯК ЗИНА БОЛО ШУД

**Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар раддабандии нави тимҳои миллӣ, ки дар вебгоҳи расмии Федератсияи байналмилалии футбол (FIFA) нашр шуд, як зина боло рафт.**

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон холо дар раддабандии ФИФА дар зинаи 104-ум қарор дорад. Даста дар ҳисоби худ 1203,08 имтиёз дорад, ки назар ба нашри қаблӣ 6,1 хол зиёд аст. Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар моҳи ноябр ду бозии дӯстона анҷом дод, ки




дар ҳарду пирӯз шуд. Шогирдони Гела Шекиладзе футболбозони кишвари Непалро бо ҳисоби 4:0 ва Афғонистонро бо ҳисоби 3:1 мағлуб карданд. Миёни дастаҳои Осиё дастаи мунтахаби Тоҷикистон аз тимҳои миллии Қирғизистон (ҷойи 107-уми ҷаҳон), Лубнон (112), Кореяи Шимолӣ (114), Ветнам (117), Индонезия (125), Ҳиндустон (127) ва дигарон пештар буда, зинаи 17-умро ишғол мекунад.

ЛИГАИ ЧЕМПИОНҲО-2

# БОХТИ «ИСТИҚЛОЛ» АЗ «СИПОҲОН» ДАР МАЙДОНИ ХУД




**Дастаи футболи «Истиқлол»-и Душанбе дар даври охири марҳилаи гурӯҳии Лигаи дуюми чемпионҳои Осиё дар майдони худ аз дастаи «Сипоҳон»-и Эрон бо ҳисоби 0:2 мувоҷеҳи бохт гардид.**

Дар вохӯрии дигари гурӯҳи «С» дастаи «Шарҷа» дар сафар бар «Ал-Ваҳдат» бо ҳисоби 3:1 зафар ёфт. Аз рӯи натиҷаи бозиҳои гурӯҳӣ «Шарҷа» бо 13 имтиёз ва «Ал-Ваҳдат» бо гирифтани 11 хол ба даври плей-офф роҳхат гирифтанд. «Сипоҳон» ва «Истиқлол» аз идомаи мубориза маҳрум шуданд. Ҳамин тавр, «Истиқлол» дар шаш бозии марҳилаи гурӯҳӣ шикаст хӯрда, бидуни имтиёз дар зинаи охир қарор гирифт. Даста дар ҳамаи ин шаш бозӣ ҳамагӣ як гол задааст. Бозии аввали «Истиқлол» бо «Сипоҳон» дар сафар бо ҳисоби 0:4 бар нафъи эрониҳо ба анҷом расида буд. Дар марҳилаи гурӯҳӣ «Истиқлол» аз «Шарҷа» дар сафар бо ҳисоби 0:1 ва дар Душанбе бо ҳисоби 1:3 мағлуб шуда буд. Ҳамчунин, даста дар бозӣ бо «Ал-Ваҳдат»-и Урдун низ ду бор бо ҳисоби якхалеи 0:1 ба шикаст рӯ ба рӯ шуд.

БОКС

# ПИРӮЗИИ АСРОР ВОҲИДОВ БАР МУШТЗАНИ ӮЗБЕКИСТОН

**Муштзани тоҷик Асрор Воҳидов бо намояндаи Ӯзбекистон Шоҳзобек Толибҷонов дар як мусобиқа аз RCC Boxing Promotions рӯзи 1-уми декабр ба ринг баромаданд. Онҳо дар вазни 55,2 килограмм дар шаш раунд набард карданд.**

Дар ин мусобиқа, ки дар Екатеринбурги Русия баргузор шуд, намояндаи Қазоқистон Евгений Павлов рақиби Воҳидов (13-1, 7 KO) эълон шуд, вале баъдан ин набард аз рӯйхат ҳазф шуд. Ба ҷойи



ин набард мубориза Шоҳзобек Толибҷонов (2-2, 1 KO) бо Воҳидов баргузор шуд.

Мубориза тамоми шаш раунд давом кард ва Асрор Воҳидов бо аксарияти овози доварон - 57:57, 59:55, 59:55 пирӯз дониста шуд.

Воҳидов арз кардааст, ки дигар ба бокси ғайрикасбӣ барнамегардад ва ният дорад, ки дар набардҳои ҳирфаӣ ширкат карда, унвони чемпиони ҷаҳонро соҳиб шавад.

ЛИГАИ ЯКУМ

# «ҲУЛБУК» ЗИНАИ ЯКУМРО СОҲИБ ШУД

**Дастаи «Ҳулбук» аз ноҳияи Восеъ дар мавсими 2024 ғолиби Лигаи якуми футболи Тоҷикистон шуд.**

«Ҳулбук» аз 24 бозӣ дар Лигаи якум 62 имтиёз ба даст овард. Акнун агар даста марҳилаи муҷавизгириро низ сарбаландона пушти сар кунад, ба Лигаи олӣ роҳхат мегирад. Дастаи «Парвоз» аз Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд бо 60 имтиёз дар зинаи дуюм ҷой гирифт. Ин даста барои ба Лигаи олӣ баромадан бояд бо дастаи зинаи 11-уми Лигаи олӣ ду бозӣ анҷом диҳад. Ҳамин




тавр «Парвоз» бояд бо дастаи «Панҷшер»-и ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бозӣ кунад.

Натиҷаи ин бозиҳо баъди 7-уми декабр маълум мешавад.

**Ҳамин тавр, дастаҳо ба тавri зайл дар ҷадвал ҷой гирифтанд:**

1. *Ҳулбук (Восеъ) - 62*
2. *Парвоз (Хуҷанд) - 60*
3. *Моҳир (Ёвон) - 48*
4. *Сомон (Данғара) - 46*
5. *Шодмон (Ҳисор) - 37*
6. *Саройкамар (Панҷ) - 33*
7. *Саразм (Панҷакент) - 32*
8. *Ёкут (Ваҳдат) - 27*
9. *Сардор (Турсунзода) - 25*
10. *Душанбе (Душанбе) - 23*
11. *Сарҳадчӣ (Ҳамадонӣ) - 19*
12. *Исфара (Исфара) - 15*
13. *Файзканд (Восеъ) - 13*

РЕЗААХБОР




Дар ҳоли ҳозир Тоҷикистонро дар UFC чаҳор варзишгар намояндагӣ мекунанд ва се нафари онҳо ба зудӣ набардҳои худро баргузор мекунанд. Нурулло Алиев (9-0, UFC 1-0) ва Янал Ашмоз (8-1, UFC 2-1) 11-уми январ дар UFC Fight Night 249 дар Лас Вегас мубориза мебаранд. 18-уми январ Муин Ғафуров (19-6, UFC 1-2) бо Риня Накамураи ҷопонӣ (9-0, UFC 3-0) дар UFC 311 дар Арабистони Саудӣ набард мекунад. Муҳаммад Наимов (UFC 3-1, 11-3) 1-уми феврал дар UFC Fight Night 250 дар Риёз (Саудӣ) бо Каан Офлӣ аз Австралия (UFC 0-1, 13-3-1) қувваозмой мекунад.

***

Бозиҳои осиёии навраcон-2025, ки қарор буд Тошканд мизбонӣ кунад, акнун дар Баҳрайн баргузор мешавад. Ин тасмимро Шӯрои олимпии Осиё (ШОА) гирифта, ҳаққи мизбонии мусобиқотро ба кишвари дигар додааст. Кумитаи миллии олимпии Ӯзбекистон ба ШОА нома ирсол карда, гуфтааст, ки имкони баргузории Бозиҳои осиёии навраcонро дар моҳи сентябри соли 2025 надорад, зеро сохтмони шаҳраки олимпии Тошканд дар муҳлати муайяншуда ба охир намерасад.

***

Дар Чиангмайи Тайланд дар Чемпионати бокси Осиё 9 муштзани тоҷик иштирок доранд. Дар рӯзҳои аввали ин мусобиқа Шаҳобҷон Шукуров (71 кг), Миҷгона Самадова (57 кг) ва Меҳрон Шафиев (-48 кг) ғалаба карда, ба даври дуюм роҳ ёфтанд. Абдумалик Болтаев (80 кг) дар даври аввал ноком гардид. Мусобиқа то 12-уми декабр идома мекунад.

***

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон таҳти раҳбарии мураббӣ Комил Боймуродов дар чемпионати ҷаҳонии чиу-читсу, ки бо ширкати зиёда аз 6 ҳазор варзишгар аз тамоми ҷаҳон дар Абу-Забӣ (АМА) баргузор шуд, комёб шуданд. Исмоил Зиеёв, Файз Зиеёв, Мустафо Шералиэода ва Судайс Соҳибзода чемпиони ҷаҳон гардида, Суҳроб Холов, Муҳаммад Соҳибзода ва Ҳикматшоҳ Сатторов медалҳои нукра гирифтанд.

# БОИМ БОЗДОШТ ШУД? Ӯ КИСТ?

**Иброҳим Сафаров, машҳур бо лақаби “Боим”, сокини 53-солаи шаҳри Душанбе, ки номаш борҳо бо фурӯшу интиқоли маводи мухаддир расонаӣ шудааст, дар Туркия боздошт ва ба Тоҷикистон истирдод шудааст.**

Дар ин бора Радиои Озодӣ хабар дода, менависад, ки Иброҳим Сафаров дар аввали моҳи октябр аз Истанбул ба Душанбе оварда шуд.

“Ӯ ба таъсиси шабакаи фурӯши хабҳои экстазӣ” ва “нигаҳдории силоҳ айбдор мешавад”,- гуфтааст як манбаъ.

Мақомоти кишвар то ҳол дар бораи боздошту ба Тоҷикистон истирдод шудани “Боим” ҳарфе нагуфтаанд.



"Боим" соли 2006 дар Русия бо 200 кило ҳероин дастгир ва ба 19 соли зиндон маҳкум шуда буд. Мақомоти Русия мегуфтанд, ки шабакаи тахти раҳбарии "Боим" ҳар сол ба бозори сиёҳи он кишвар то 4,5 тонна маводи мухаддир ворид мекард. Дар матбуоти Русия ӯро машҳуртарин наркобарони тоҷик ном мебурданд. Ӯ баъди чанд сол ба озодӣ баромад.

Баъдан низ исми Иброҳим Сафаров бо интиқолу фурӯши миқдори бузурги маводи мухаддир дар Тоҷикистон расонаӣ шуда буд.

Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон дар моҳи июли имсол Комрон Ҳамроев, сокини 28-солаи шаҳри Душанберо бо гумони фурӯши “хабҳои экстазӣ” боздошт карда, ӯро аз наздикони “Боим” ном бурда буд. Иброҳим Сафаров соли 1971 дар маҳаллаи Калинини шаҳри Душанбе таваллуд шуда, қаблан ба ҳайси сартарош кор мекард.



**Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Файзи Олӣ (Файзалӣ Юлдошев), вакили мудофеи тоҷикро ба 2,5 сол зиндони низомаш сахт маҳкум кардааст.**

Расонаҳо менависанд, ки ҳукми Файзи Олӣ рӯзи 29-уми ноябр содир шудааст. Суд ин вакили дифои 74-соларо ба “дурӯғгӯӣ” нисбат ба кормандони Прокуратура гунаҳкор донистааст. Гуфта мешавад, ки Файзи Олӣ баъд аз эълони ҳукм аз толори додгоҳ ба ҳабс гирифта шуд.

# ҚАТЛИ ПИСАР АЗ ҶОНИБИ МОИНДАР

**Дар ноҳияи Зафаробод як ҷавонзани 28-сола бо гумони куштори писарандари ноболиғаш дастгир шудааст. Дар ин бора ВКД хабар медиҳад.**

Гуфта мешавад, ки ҷасади ноболиғ Комронҷон Ниёзови 9-сола дар ҳуҷраи хоби манзили истиқоматиаш бо аломатҳои марги маҷбурӣ ёфт шудааст.

Ҳодиса шаби 14 ба 15-уми ноябр дар ҷамоати Меҳнатободи ин ноҳия рух додааст. Мақомот муайян кардаанд, ки ӯ бо роҳи бӯғӣ кардан кушта шудааст.



“Модарандари ҷавон аз ҳиссиёти бадбинӣ ва кинаву адовати оилавӣ фарзанди ӯгаяшро, ки шаби ҳодиса барои ҳамроҳӣ кардан дар ҳуҷраи ӯ қарор дошт, ҳангоми хоб буданаш, гулӯяшро бӯғӣ карда, ба ҳалокат расонидааст”,- иттилоъ медиҳад манбаъ.

Дар гузориш гуфта мешавад, ки гумонбаршаванда 2 сол пеш бо падари ин кӯдак оиладор шуда, аз 2 фарзанд доштани ӯ огоҳ буда ва тарбияи онҳоро ба уҳда гирифта будааст.

Барои муайян кардани сабаби куштор мақомот боз чанд фарзияро тафтиш хоҳанд кард.

Ҳоло нисбати ин ҷавонзан бо қисми 2-и моддаи 104 (Одамкушӣ) Кодекси ҷиноятӣ парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, гумонбаршаванда дар ҳабси пешакӣ қарор дорад.




**Бонки миллии Тоҷикистон хабарҳои фейкии паҳншударо дар хусуси баргардонидани пулҳои онҳое, ки дуздида шудааст, рад кард. Ин ниҳод бо нашри як баёния хабар дод, ки эълонҳои нашршуда ба Бонки миллии Тоҷикистон тааллуқ надоранд.**

“Бинобар ин ба онҳо бовар накунед ва ба шахсони бегона маълумотҳои шахсии худро, аз ҷумла: ному насаб, рақами корти бонкӣ ва рамзҳои махфие, ки тавассути СМС паём ворид мегарданд, пешниҳод насозед!”,- иттилоъ медиҳад манбаъ. Ёдовар мешавем, ки чанде пеш Прокуратураи генералӣ ва Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе сокинонро аз қаллобиҳо дар “Телеграм” хушдор дода буданд.

# БОЗДОШТИ ДОЯИ БЕРАҲМ

**Мақомоти милитсияи Суғд занеро барои озору шиканҷаи як кӯдаки 2-сола боздошт кардаанд. Ин зан сокини 47-солаи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров буда, тифлеро, ки доягӣ мекард, наздики се моҳ мавриди латукӯби шадид қарор додааст.**

Дар ин бора Раёсати ВКД дар вилояти Суғд хабар медиҳад. Аз ин зан Мафтуна Аҳмадҷонова 47-сола ном бурдаанд, ки фарзанди 2-солаи духтари амакашро бар ивази пул доягӣ мекард. Модари кӯдак дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дошта,



тибқи маслиҳат бояд ба доя ҳар моҳ 15 ҳазор рубли русӣ мефиристодааст.

Кормандони мақомоти милитсия тифлро бо дастони баста дар хонаи Мафтуна Аҳмадҷонова дарёфтаанд ва маълум шудааст, ки кӯдак дар муддати қариб се моҳ ҳамеша мавриди азобу шиканҷа қарор гирифтааст. Мафтуна Аҳмадҷонова гуфтааст, ки модари кӯдак вақти фарзандашро супурдан хоҳиш карда буд, ки дар тарбияташ сахтгир шав ва агар беодобӣ кард, зан.

Айни замон нисбати ин зан барои азобу уқубат нисбати ноболиғ (қисми 2, моддаи 117) парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, ӯ дар ҳабси пешакӣ қарор дорад. Ин банди қонунгузорӣ аз 3 то 7 соли ҳабсро пешбинӣ мекунад.



**Дар Суғд ду кӯдак ба дарё афтоданд. Яке ба ҳалокат расид, дуюмашро ҷустуҷӯ доранд. Писарак ва духтараки ғарқшуда амакбачаҳо будаанд.**

Аз рӯи маълумоти маркази матбуотии КҲФ, ҳодиса 28-уми ноябр дар деҳаи Оббурдон, ҷамоати деҳоти Иван Тоҷик, ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ рух дод. Писараки 11 ва духтараки 12-сола дар вақти тоза кардани боғ, ки дар доманаи кӯҳи назди дарёи Зарафшон ҷойгир буд, ба дарё афтоданд. Кормандони шуъбаи КҲФ дар якҷоягӣ бо аҳолии маҳаллӣ корҳои ҷустуҷӯиро идома медиҳанд.

# ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ САРКАШӢ АЗ ХИЗМАТ

**Нисбати ҷавони 26-солаи сокини ноҳияи Б. Ғафуров парвандаи ҷиноятӣ боз шудааст. Дар ин бора ВКД хабар дод.**

Гуфта мешавад, ки ин ҷавон 30-юми июли соли 2024 аз комиссияи тиббии Комиссариати ҳарбӣ гузашта, қобил ба хизмати ҳарбӣ дониста шудааст. Вале баъди гирифтани даъватнома «бе ягон сабаби узрнок ба комиссариати ҳарбӣ ҳозир нашудааст».



Ба иттилои ВКД, бар зидди ин ҷавон мувофиқи қисми 1, моддаи 343 Кодекси ҷиноятӣ (Саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ ва алтернативӣ) парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст ва ба тафтишот идома дорад.

Мувофиқи ин банди Кодекси ҷиноятӣ ҷавонро аз 36 ҳазор то 72 ҳазор сомонӣ ҷарима ё ду соли зиндон таҳдид мекунад.

# ПАРҲЕЗ БАЪДИ 30-СОЛАГӢ



**Барои ҷавон ва зебо мондан ба саломатӣ ва ғизои худ диққати ҷиддӣ додан лозим аст. Имрӯз мо ба шумо дар бораи хӯрданиҳое маълумот медиҳем, ки баъди 30-солагӣ зиёд истеъмол намуданашон ба саломатӣ зиён расонида, боиси пайдоиши ожангҳои бармаҳал ва пеш аз муҳлат пир шудани инсон мегарданд.**

### ШАКАР

Шакари аз ҳад зиёд метавонад боиси паст шудани ҳассосияти инсулин гардад. Илова бар ин, он пайдоиши ожангҳоро метезонад.

### НАМАК

Истеъмоли хӯрокҳои аз ҳад шӯр ва сернамак метавонад фишори хунро баланд гардонида, хатари гирифторшавӣ ба инсултро зиёд созад.

### НӮШОКИҲОИ СПИРТӢ

Калорияи машрубот ва нӯшокиҳои спиртӣ хеле баланд аст ва сатҳи инсулинро зиёд мекунад.

### КОФЕИН

Кофеин ба системаи асаб таъсири манфӣ мерасонад, хобро халалдор мекунад. Набудани хоб ҷараёни пиршавиро метезонад.

### САРШИР

Саршир (сливки) хеле равғанин аст, вазни баданро зиёд намуда, ба кори дил, буғумҳо, фаъолияти майна ва гормонҳо таъсири бад мерасонад.

### РАВҒАНИ ЗАРД

Таркиби равғанҳои трансӣ, аз ҷумла равғани зард ба дилу буғумҳо таъсири бад дошта, боиси беморӣ мегардад.

# 4 ОДАТЕ, КИ ГУРДАРО БЕМОР МЕСОЗАНД

**› Дер пешоб кардан**

Гап сари он аст, ки пешобдон дар худ то 250-350 грамм обро нигоҳ дошта метавонад, вале дурудароз пешоб накардану бо пешобдони пур тоқат кардан боиси он мегардад, ки пешоб гашта ба гурдаҳо меравад.

**› Бисёр нишастан**

Рӯзи дароз дар як ҳолат нишаста кор кардан ё рӯзи худро ба ҳамин минвол сипарӣ намудан боиси халалдор гаштани хун дар ҷисм мегардад. Солим будан хоҳед, баъди ҳар як соат машқи бадан кунед.



**› Зиёд қаҳва нӯшидан**

Аз ҳад зиёд истеъмол кардани қаҳва ба бофтаҳои гурда вазнинӣ меоранд, кофеин бошад, хусусияти пешобронӣ дорад ва гурдаҳоро ба бошиддат кор кардан водор месозад.

**› Якбора хароб шудан**

Яку якбора харобшавӣ ва норасоии чарбҳо сабаби хамидани гурдаҳо мегардад.



# НИШОНАҲОИ ПАСТ ШУДАНИ ИММУНИТЕТ

Бо фарорасии фасли тирамоҳ шумораи одамоне, ки дар пушти дари табибон навбат мепоянд, меафзоянд. Сабаб дар он аст, ки дар ин айём системаи муҳофизатии ҷисми инсон - иммунитет суст шуда, дигар ба муқобили бемориҳо фаъолона мубориза бурда наметавонад.

Табибон сабаби асосии заиф гаштани иммунитетро дар норасоии витамину минералҳо дар ҷисми инсон, нисбатан сардтар шудани ҳаво, кӯтоҳ шудани рӯзҳо ва норасоии нури офтоб маънидод менамоянд. Нишонаҳои асосии заиф гаштани иммунитет инҳоянд:

1. Дар ҷисми инсон коркарди ҳормони мелотонин, ки хоби орому бароҳати касро таъмин менамояд, паст шуда, одам худро беҳолу бемадор ва хаста эҳсос мекунад. Қобилияти меҳнатӣ паст шуда, одам хоболуд ва асабонӣ мешавад.
2. Коркарди фаъоли витамини Д3, ки ба организм барои аз худ намудани калтсий ёрӣ мерасонад, заиф гашта, боиси рехтани мӯйи сар, бад шудани ҳолати дандонҳо ва зудшикан гаштани нохунҳо мегардад.
3. Ҳар қадаре, ки нурҳои ултрабунафш камтар шаванд, ҳамон андоза микроорганизмҳое, ки бемориҳои зуком, ОРВИ ва ОРЗ-ро ба вуҷуд меоранд, бештар шуда, бо ҳамин сабаб касалиҳои сироятӣ авҷ мегиранд.

## Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Аввали ҳафта шубҳаву дудилагиятон дар мавриди он ки дуруст рафтор мекунед ё не, зиёд мешавад. Ба эҳсосоти манфӣ дода нашавед, вазъият ба зудӣ рӯ ба беҳбудӣ меорад. Шуморо лозим аст, ки барои расидан ба ҳадафҳои худ шитоб накунед.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Ҳафтаи тағйирот фаро мерасад. Баъзеҳо кори беҳтар меёбанд, нафаре аз кори хуб ба кори каммаош мегузарад. Аз рух додани ягон душворӣ руҳафтода нашавед, ҳамааш муваққатӣ аст. Нимаи аввали ҳафта ба касе бовар накунед.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Аввали ҳафта нафаре шуморо фиреб кардан мехоҳад. Аз ҳуҷуми пинҳонии рақибон эҳтиёт шавед. Миёнаи ҳафта хеле серкор мешавед, беҳтараш бо корҳое машғул шавед, ки хеле муҳим ҳастанд. Сафару саёҳатҳо бобарор мешаванд.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Мардоне, ки дар мучали саратон таваллуд шудаанд, бо шарофати шиносоии ногаҳонӣ ҳаёти худро тағйир дода метавонанд. Аз таваккал кардану ба кори нав сар кардан натарсед, ҳоло барор ҳамсафари шумо аст. Диққати бештари худро ба наздикон равона созед.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Аввали ҳафта нохушиҳои хурде ба саратон меоянд. Эҳтимол пойафзолатон дарида, калид ё корти худро гум мекунед. Дар ҳама ҳолат бояд худро ба даст гиред ва ин имтиҳони қисматро бо табъи хуш пушти сар намоед. Миёнаи ҳафта аз хариди калон худдорӣ намоед.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Ҳафта хеле бобарор бошад ҳам, се рӯзи аввал аз ҳад зиёд фаъолнокӣ нишон надиҳед. Рӯзи сешанбе ба ғалату хатоҳо роҳ доданатон имконпазир аст. Миёнаи ҳафта ба саломатӣ диққат диҳед, масунияти баданро мустаҳкам гардонед.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Шитоб накунед. Рафтори беандеша ва бошитоб боиси ба хато роҳ доданатон мегардад, ки ислоҳ карданаш кори душвор ва дарозмуддат аст. Ғурур ва такаббур муносибататонро бо одамони даркорӣ вайрон месозад. Аз таваккал кардан низ худдорӣ намоед.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

На ҳама коратон бобарор анҷом меёбад. Барои дуруст қабул намудани вазъият ва сари қарори аниқ омадан душворӣ мекашед. Барои он ки обрӯятонро аз даст надиҳед, ба ваъдаи худ вафо кунед. Баъзеҳо пулро аз ҳад зиёд сарф карда, ба вазъи молиявиашон зарар мерасонанд.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Ҳафтаи ором аст. Қобилиятҳои эҷодиатон бедор мешаванд. Барои бо шуғли дӯстдоштаи худ ва дигар корҳои бароятон гуворо машғул шудан вақт пайдо мекунед. Бо одамони хислаташон гуногун забон ёфтанатон осон мегардад. Ҳафта барои қабули меҳмон мусоид аст.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Худро ба даст гиред. Ҳафтаи бобарор мешавад, ба шарте, ки аз муноқиша бо атрофиён худдорӣ намоед. Ба назаратон чунин менамояд, ки атрофиён ба қадри заҳматҳоятон намерасанду ношукрӣ мекунанд. Ба нофаҳмиҳои ночиз диққати зиёд надиҳед.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Ҳама кор табъи дили шумо анҷом намеёбад. Сар задани тағйирот нақшаҳоятонро дигаргун сохта, табъатон хира мегардад. Атрофиён барои рафъи мушкилиҳои худ ташвиш дода, вақтатонро мегиранд. Ба коре, ки боиси рашки дӯстдоштаатон мегардад, даст назанед.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Бодиққат бошед, дар ин ҳафта имкониятҳои хуброаз даст надиҳед. Бо нафароне забон меёбед, ки пештар ба муросо омаданатон душвор буд. Бо нафарони аҷиб шинос шуданатон имконпазир аст. Бо яке аз ҳамкорон ё шиносҳоятон муносибати ошиқона мекунед.

# НОМИ ЛОҲУТӢ ВА ТАВСИЯИ ҒАФУРОВ



## Чанд сафҳа аз авроқи рангини зиндагии Мунира Шаҳидӣ

### РӮНАМОИИ КИТОБ ДАР БРИТАНИЯИ КАБИР

Дар Коллеҷи Кингси Донишгоҳи овозадори дунё - Кембриҷ моҳи октябри соли ҷорӣ муаррифии китоби тозанашри Мунира Шаҳидӣ «Муколамаи фарҳангҳои Шарқу Ғарб дар асри 21», ки бо забони англисӣ низ тарҷума шудааст, баргузор гардид. Зимни муаррифӣ музокираи гарму самимие доир гардид. Аз ҷумла Мунира Шаҳидӣ иброз намуданд:

- Аслан омӯзиши илмии адабиёти форсизабон дар Ғарб аз Британияи Кабир дар асри XIX ва аввали асри XX шурӯъ шуд. Браун, Арбери, Николсон се чеҳраи намоёни омӯзиши адабиёти форсизабон буда, роҳи ҳамроҳшавии ин адабиётро ба ҷаҳони англисзабон боз намуданд. Вале музокираҳои сахт оид ба масъалаҳои таҳаввули афкор аз назари олимони англисзабон дур гашт. Хусусан дар замони муосир, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар асрҳои XV ва XVI сар шуд ва ба номҳои Ҷомӣ ва Навоӣ пайвандӣ дорад. Лекин, сабаби як қадам пеш гузоштани Навоӣ аз устодаш Ҷомӣ он буд, ки Фарҳодро як қаҳрамони зиндаи созандаи наҳре барои ташнагон қаламдод карда буд. Вале худи Фарҳод шоҳзодаи чинист ва ошиқи маликаи хуросонӣ гашт. Ин як навоварии муҳими адабиёт дар самти муколамаи фарҳангҳо буд.

### МУНИРА - ОВАРАНДАИ НУР

Сталинобод. Баҳори соли 1943. Устод Абулқосим Лоҳутӣ шеъре иншо менамоянду ба суроғи Зиёдулло Шаҳидӣ меоянд, то ба он оҳанг баста шавад. Аммо дар ҷои кор, дар Театри опера ва балет Шаҳидиро намеёбанд. Хабар доданд, ки композитор соҳиби фарзанд шудааст ва ҳоло дар хонааш мебошад. Лоҳутӣ суроғаи Шаҳидиро гирифта, ба хонаашон меравад. Аз дидани манзили хоксоронаи Шаҳидӣ Лоҳутӣ ҳайрон мешаванд:

- Наход ягона бастакори тоҷик дар чунин шароит зиндагӣ намояд? Ин хона аст ё "зиндони муъминон"?

Сипас барои тавлиди фарзанд табрик намуда, мепурсанд, ки ба духтарча ном ниҳодед ё не?

- Ҳанӯз не.

- Пас исмашро Мунира гузоред, то минбаъд дар манзили шумо нуру сафо зиёд гардад.

Ҳамин тариқ, нахустин фарзанди худро Зиёдулло Шаҳидӣ Мунира ном мегузоранд.



### САФАР БА ҲИНДУСТОН

Мунира Шаҳидӣ сафарҳои зиёде ба хориҷи кишвар доштанду доранд. Аммо аввалин сафари он кас ба хориҷ ба Ҳиндустон буд, ки барои тақдири минбаъдаи эҷодиашон такони ҷиддие бахшид. Он замон дар ҳайати комсомол фаъолият мебурданд. Аммо падар ҳамеша таъкид мекарданд, ки ба ҷои сиёсат беҳтар мешуд, Мунираи ҷавон ояндаи худро ба илм пайваст намуда, ба аспирантура дохил шавад. Ҳамин тавр ҳам шуд ва ба ин сафари Ҳиндустон замина гузошт.

Дар шаҳри Деҳлӣ аз Мунира хоҳиш намуданд, ки дар назди ҷамъомадагон бо забони англисӣ баромад намояд. Ҳарчанд дар назди издиҳоми зиёди одамон Мунира каме худро ноҳинҷор ҳис мекард, аммо худро ба даст гирифту суханронӣ намуд: "Дӯстони азиз, мо аз Иттифоқи Шӯравӣ омадем ва чӣ тавре ки медонед, дар мамлакати паҳноварии мо 15 давлат мавҷуд аст ва ман аз Тоҷикистон ҳастам. Чун забони мо ҳам форсӣ аст, мо аз азал Бедилро медонему мехонем...".

Суханронии Мунира Шаҳидиро самимона истиқбол намуданд. Сипас яке аз шоирони маъруфи ҳинд ба назди муаллима омада, хоҳиш намуд, ки пагоҳ дар як маҳфили онҳо, ки маҳз ба Мирзо Абдулқодири Бедил бахшида шудааст, иштирок ва суханронӣ намояд. Муаллима онҷо низ баромад менамоянд. Рӯзи дигар дар яке аз рӯзномаҳои расмии Ҳиндустон мақолае бо акси муаллима бо номи "Тоҷикдухтаре ки Бедилро мешиносад" ба нашр мерасад...

Роҳбари ҳайат, академик, ҳиндушиноси маъруф Е. П. Челишев аз донишу маҳорати суханронӣ ва ҷаҳонбинии Мунираи ҷавон ба ваҷд омада, таклиф менамояд, ки ба аспирантура дохил шавад.

- Вақте ба Москва мерасем, ман туро ба назди Бобоҷон Ғафуров мебарам,- гуфт ӯ. (Он вақт Б. Ғафуров директори Институти шарқшиносии академияи илмҳои СССР буданд).

### МУЛОҚОТ БО ҒАФУРОВ

Чун ба Москва расиданд, Челишев ба ваъдаи худ истода, Мунираро ба Институти шарқшиносӣ бурд. Яке аз олимони барҷаста Мунираро ба назди Бобоҷон Ғафуров овард ва хост ӯро хубтар шинос намояд, аммо Ғафуров гапи ӯро бурида, гуфтанд:

- Чӣ, ту магар меҳоҳӣ ба ман кӣ будани Шаҳидиро фаҳмонӣ? Мо худамон суҳбат мекунем!

Сипас аз Мунира пурсиданд, ки оиладор ҳастед?

- Бале, соҳиби духтарча ҳастам.

- Пас ба шумо дар худи Душанбе ба пажӯҳиши илмӣ машғул шудан осонтар аст. Мебинам, ки тоҷикиатон хуб аст, англисиатонро боз ҳам беҳтар намуда, такмил диҳед. Ба наздикӣ дар Душанбе конфронси байналмилалии Кӯшониён баргузор мегардад ва он ҷо ҳамчун тарҷумон хизмат мекунед. Ба Мирзоев занг мезанам, то ба шумо ягон мавзӯи мувофиқро, ки вобаста ба адабиёти Ғарб бошад, пайдо намояд.

Ҳамин тавр, дар Душанбе бо Абдулғанӣ Мирзоев вохӯрданӣ мешаванд. Аммо ҷуръат намекунанд, чун шунида буданд, ки устод хеле сахтгир ҳастанд. Пас аз конфронс гурӯҳи олимони аврупоиро ба Институти шарқшиносӣ бурда, вазифаи тарҷумониро адо менамоянд. Худи Мирзоев муаллимаро шинохта, ёдовар мешаванд, ки Ғафуров дар бораи шумо ба ман гуфта буданд. Мирзоев мегӯяд, ки мо шуморо ба муддати 6 моҳ месанҷем ва агар аз имтиҳонҳои мо гузаштед, сипас ба аспирантура қабул мекунем. Ҳамаи супоришҳоро сарбаландона иҷро намуда, ба аспирантура дохил мешаванд. Барои тасдиқи мавзӯи рисола аз худи Санкт-Петербург олими намоён А. Н. Болдирев омада буд. Муаллима ҳатто пеш аз муҳлати муқарраргардида, дар соли 1972 рисолаи номзадии худро дар мавзӯи "Мақоми китоби чорчилдаи Э. Г. Браун дар шинохти адабиёти форсии тоҷикӣ дар ҷаҳони имрӯз" тахти роҳбарии академик Абдулғанӣ Мирзоев ва Андрей Евгеневич Бертелс ҳимоя менамоянд.

Зимни муҳокимаи рисола раиси шӯро Носирҷон Маъсумӣ гуфта буданд: "Як духтари ҷавон ҷуръат намуда, ба чунин мавзӯъ даст задааст. Бояд эътироф намоем, ки мо забони англисиро намедонем ва дар ин мавзӯъ низ мутахассис нестем. Барои ҳамин беҳтар аст ба ҷои эродгириҳо часурию навоварии ин духтараки ҷавонро дастгирӣ намоем".

Насрулло ТӮЙЧИЗОДА

## МАВЛУДНОМА

**5 ДЕКАБР**

**Мендел Биндер** (1919-1991), 105-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ, профессор.

**Хайриддин Қосимӣ** (1954), 70-солагии зодрӯзи нависанда.

**Озод Маликов** (1964), 60-солагии зодрӯзи кинорежиссёр, кинооператор.

**Сайқал** (Қунғурот Салимов) (1939), 85-солагии зодрӯзи шоир.

**Абдураҳмон Сатторов** (1909-1980), 115-солагии зодрӯзи муаррих.

**Барот Содиқов** (1929), 95-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр.

**6 ДЕКАБР**

**Алексей Дмитриев** (1919-1944), 95-солагии зодрӯзи ҷанговар, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

**Николай Колесник** (1904-1979), 120-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ.

**Мӯбинҷон Юсуфӣ** (1939), 85-солагии зодрӯзи нависанда, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**7 ДЕКАБР**

**Туйдӣ Бобиева** (1924-1996), 100-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Геннадий Исоев** (1944), 80-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**Бобо Мирзоев** (1924), 100-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Юсуф Норматов** (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**8 ДЕКАБР**

**Айманҷон Анваров** (1939-2001), 85-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Бобо Маҳкамов** (1919-1989), 105-солагии зодрӯзи генерал-лейтенант.

**Мирзоватан Миров** (1949), 75-солагии зодрӯзи ҳунарманд ва режиссёри театр, оҳангсоз, сароянда, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, Ходими шоистаи ҳунари ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**Клемант Ҳуарт** (1854-1926), 170-солагии зодрӯзи шарқшиноси фаронсавӣ, муҳаққиқ ва мутарҷими осори адибони классики форс-тоҷик.

**9 ДЕКАБР**

**Леонид Зимин** (1909-1981), 115-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Евгений Лобенко** (1939), 85-солагии зодрӯзи оҳангсоз.

**Талъат Нуруллохоҷаев** (1939-2011), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**10 ДЕКАБР**

**Алиҷон Юлдошев** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист-суратгир.

**Искандар Бойзода** (1954), 70-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Нурулло Додобоев** (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Ҳусейн Насриддинов** (1929), 95-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

**Юсуф Насрулло** (1954), 70-солагии зодрӯзи нависандаи ҳаҷвнигор.

**Ҷангибек Улфатшоев** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Сафаралӣ Сайфуллоев** (1949), 75-солагии зодрӯзи генерал-лейтенант.

**Мавлуда Шарифова** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**11 ДЕКАБР**

**Азизқул Ашӯров** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Гурий Иванов** (1914-1991), 110-солагии зодрӯзи ҳайкалтарош.

**Шарафнисо Содиқова** (1934), 90-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникӣ ба номи Сияхмардова Раҷабгул Хизридиновна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Навбаҳор №227, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира бо реестри №6Д-3202, аз санаи 14.11.1997, ба номи Имомназаров Қурбонназар, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Фирдавсӣ 95, ҳ. 180, ки дар Идораи нотариалии марказии давлатӣ (государственным нотариусом центральной государственной нотариальной конторой) ба расмият даровараа шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Сангинова Мижгон Бахромовна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, 1-ум гузаргоҳи кӯчаи Академик Раҷабовҳо, бинои 3, ҳ. 3, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №60781, ба номи Хусенова Надежда Васильевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Шерозӣ 64/1, ҳ. 96, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Манзилнома, №015853 аз 16.04.2007 ба номи Хусенова Надежда Васильевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Шерозӣ 64/1, ҳ. 96, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДМБ №0206927, рақами қайд №481, ба номи Раҷабалиев Раҷабали Ҳусайнович, ки санаи 29.04.2022 аз ҷониби ДМТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин дараҷаи №0161937, аз 31.08.2006 ба номи Сангинов Маҳмадулло Назаралиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, маҳаллаи Обчакорон, ки аз ҷониби Кумитаи идораи замини ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯ, №445, ба номи Абдуллоев Абдулло, ки соли 2024 аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестаи синфи 11 Т-АТУ №1034322, ба номи Давлатова Мехрона Фурқатовна, соли таҳсил 2022, ки аз ҷониби МТМУ №56-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Васиятнома таҳти феҳрасти 14Ғ-1011, ки дар Идораи нотариалии давлатии н. Фирдавсии ш. Душабе санаи 04.06.2018 аз номи Раҷабова Ҳусноро тасдиқ гардидааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №7413, ба номи Имомназаров Қурбонназар, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, к. Фирдавсӣ 95, ҳ. 180, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Сокиев Азизбек Анорбоевич, РЯМ: 0730193769, РМА: 075812112, ки аз 17.09.2019 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Ташкилоти ҷамъиятии "Маркази Дастгирии Ҷамоати Оби Меҳнат", ки дар Вазорати адлияи ҶТ аз 29.12.2007 таҳти рақами №558 "А" ба қайд гирифта шудааст, аз сабаби гум шудани ҳуҷҷатҳои аслиаш беэътибор дониста шавад.

► Иқтибоси ҶДММ "ЕСП Тоҷикистон", РМА: 020058347, РЯМ: 0210032405, ки санаи 12.06.2024 дар Нозироти андози ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият даровараа шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Муминова Муяссар, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Туннис 1/7, ҳ. 70 аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Суратҳисоби ҶДММ "Приоритет" дар филиали №14 КВД БА ҶТ "АМОНАТБОНК" ш. Ваҳдат аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А00284116, ба номи Шодиев Абдузохид Абдукадирович, ки санаи 18.08.2015 аз ШВКД-1 н. Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

*Зодрӯз муборак!*

Муаллимаи муҳтарам Ғиёсова Оишахон Ортиқовна! Шуморо бо зодрӯзи фирӯзатон муборакбод мегӯем!

*Муаллим устоди беҳтарин аст,*
*Сафобахшанда дар рӯи замин аст.*
*Диҳад илму адаб ба насли наврас,*
*Бузургии муаллим дар ҳамин аст.*

**Аз номи Қаландаров ва коллективи устодони Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Рӯдакӣ**



► Аттестати синфи 11 Т-ШТУ №0030447, ба номи Махрамов Шерзод Анваршоевич, ки соли 2005 аз ҷониби МТМУ №60-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А01411903, ба номи Саидова Ойтилло Содировна, ки санаи 09.07.2018 аз ҷониби ШШМ ШВКД-1 н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи маъюбӣ ба номи Мирзоева Зульфия Усмановна, ки соли 2024 аз ВТЭК дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи хизматӣ, №010626, ба номи Зиёев Қадриддин Нарзиалиевич, ки соли 2024 аз ҷониби СИҶҶВАҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Шаҳбону", №0269045, РЯМ: 0310023991, РМА: 030035957 барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Агро Содирот", РЯМ: 0710012124, РМА: 070019158, аз 06.09.2023 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Ташкилоти ҷамъиятии "Маркази Дастгирии Ҷамоати Оби Меҳнат", РМА: 080004669, ки дар Вазорати адлияи ҶТ аз санаи 29.12.2007 таҳти рақами №558 "А" ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад.

► Кооперативи тиҷоратии «Шукур Э», РЯМ: 331001237 барҳам мехӯрад.

► Кооперативи тиҷоратии «Эргаш Чумаев», РЯМ: 3310006856 барҳам мехӯрад.

► ҶДММ "Маркази савдои Мукарам", РЯМ: 0710012417, РМА: 070019455, аз 01.02.2024 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.



# БА РАЁСАТИ МОЛИЯИ ВАХШ ТАВАҶҶУҲ ЗИЁД АСТ



**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ таъкид намудаанд, ки ҷиҳати татбиқи босамари низоми молиявӣ, мақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ, роҳандозии дақиқу дурусти ҳисоботи молиявӣ, омӯзиши густурдаи технологияи муосири низоми молиявӣ, сарфакорона равона сохтани маблағҳои буҷети давлатӣ ба хотири рушди соҳаҳои иқтисоди миллии мамлакат мебошад.**

Воқеан, бахши молия соҳаи муҳими иқтисодиёти миллиро, ки ба фаъолияти институтҳои молиявӣ алоқаманданд, дар бар мегирад ва дар даврони соҳибистиқлолӣ як силсила қонунҳо қабул гардиданд, ки барои рушди соҳаи молия дар кишвар заминаи ҳуқуқӣ гузоштанд.

Бино ба гуфтаи сардори Раёсати Вазорати молия дар ноҳияи Вахш Абдуқаҳҳор Улфатов, баҳри амалӣ намудани сиёсати хирадмандона ва оқилонаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, МИҲД-и вилояти Хатлон ва ноҳияи Вахш, Сарраёсати Вазорати молия дар вилояти Хатлон ва ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ” корҳои зиёде ба сомон расонида шудаанд.

Тавре мавсуф иброз дошт, қисми даромади буҷети маҳаллӣ дар даҳ моҳи соли 2024 ба маблағи 52373733 сомонӣ ва нақша дар маҷмуъ 147057342 сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар ин давра андози буҷети ноҳия ба маблағи 51606168 сомонӣ, яъне 99 % ё ин ки 767565 сомонӣ кам ворид гаштааст.

Аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағҳои мақсаднок ба маблағи 70536400 сомонӣ ва аз ҳисоби буҷети вилояти Хатлон ба маблағи 1000000 сомонӣ мебошад, ки аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва аз ҳисоби буҷети вилоят ҳамагӣ ба маблағи 71536400 сомонӣ пардохт карда шуда, маблағҳои равонакардашуда барои фонди музди меҳнат мақсаднок пардохт карда шудааст.

Дар даҳ моҳи соли 2024 иҷроиши буҷет ба андозаи 99 % фисадро ташкил медиҳад, ки дар даҳ моҳи соли 2023 нақшаи андози буҷети маҳалии ноҳия ба андозаи 44610020 сомонӣ пешбинӣ шуда буд ва иҷроиши он ба маблағи 44658179 сомониро ташкил дода, 100%-и нақша мебошад.

Аз ин маълум мегардад, ки дар даҳ моҳи соли 2024 нисбати соли 2023 ба маблағи 6947989 сомонӣ зиёд буда, 15,5 %-ро ташкил медиҳад.

Дар даҳ моҳи соли 2024 иҷроиши даромадҳои буҷети маҳаллии ноҳия бо пуррагӣ иҷро нагардидааст.

Тибқи нақшаи пешбинишудаи намудҳои андозҳо, аз шаш намуди сарчашмаҳои андозҳо чор намуди андозҳо иҷро нагардидааст, аз ҷумла: Андоз аз арзиши иловашуда ба маблағи 153963 сомонӣ, Боҷи давлатӣ ба маблағи 41134 сомонӣ, Пардохтҳои ҳатмии маҳаллӣ ба маблағи 25596 сомонӣ ва Андози низоми содакардашуда 2392881 сомонӣ иҷро нагардида, ду намуди дигари андозҳо иҷро гардидааст, ки Андоз аз даромад 105 % ва Андоз аз амволи ғайриманақул 105 %-ро ташкил медиҳад.

Бино ба маълумоти А. Улфатов, қисми хароҷоти буҷети ноҳия дар даҳ моҳи соли 2024 мувофиқи нақша бо баҳисобгирии тағйироти даровардашуда ба андозаи 149157977 сомонӣ пешбинӣ шуда, дар асл бошад, 136209499 сомонӣ истифода бурда шудааст, ки ин 91,4 %-и нақшаро ташкил медиҳад.

- Кормандони Раёсати Вазорати молия дар ноҳияи Вахш ба ин бахш таваҷҷуҳи зиёд дода, ҳамаи талошҳои худро баҳри дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Роҳбари давлат, роҳбарияти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳия вобаста ба татбиқи пешбурди фаъолияти молиявӣ дар самти буҷету андоз, самаранок истифода намудани маблағҳои буҷетӣ, назорати ҳисоби дуруст, пурра ва саривақт ба буҷети давлатӣ ва фондҳои давлатӣ ворид кардани андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии давлатӣ равона кардаанд,- мегӯяд ӯ.

**Машраби АЛОВИДДИН**

# ДУ БАХТОВАРИ МИЛЛАТ

**(Аввалаш дар саҳ. 6)**

Ниҳоят масъалаи аз ҳама муҳимтар ҷудо шудани Тоҷикистон аз Ӯзбекистон аст ва дар ин амр ҳам хидмати Ш. Шоҳтемур ва А. Ҳоҷибоев, давуғеҷи онон хеле зиёданд. Дар ин замина, аввал маводу мадрак ва далелу бурҳон барои ҳалли масъала вобаста бар манфиати таърихии тоҷикон фароҳам оварда шуд. А. Ҳоҷибоев бо маводу мадрик ва аснод ба Маскав рафта, ба суҳбати И. Сталин комгор шуд ва бино ба қавли М. Шакурӣ имкон ба даст овард, ки «Сталинро розӣ кунад, то Тоҷикистон аз Ӯзбекистон ҷудо шуда, ба ҳайати Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ, ба унвони як ҷумҳурии иттифоқӣ дохил бишавад». Ба гуфтаи М. Шакурӣ «ин ривоят то ҳол бо ҳуҷҷате тасдиқ нашуда буд, вале соли 2010 маълум шуд, ки асоси таърихӣ дорад».

Натиҷаи мулоқотро А. Ҳоҷибоев дар телеграммае ба Ш. Шоҳтемур аз 27-уми июли соли 1929 хабар дода, ки санади муҳим ва баёнгари раднопазири талошу ҷадали ҳамешагии ин мақомдорон дар ҳалли қазияи тоҷикон, давуғеҷи чандбора ба Маскав, гуфтугӯи пайваста бо аҳли Кремл, ниҳоят, мулоқоти бевосита бо Иосиф Сталин дар масъалаи таъсиси ҷумҳурии ҷудогонаи тоҷикон аст, ки дар забони асл ба аҳли хонанда мегузорем:

«Здравствуй, дорогой Шотемур! Я хотел бы все тебе сообщить телеграфно, но это не вышло, ибо не все же можно передавать по телефону.

Сообщаю: 1) По узбекским вопросам здесь вермишель. Начала нет, конца тоже нет, т. к. полностью решение ЦИКа нам еще не известно... Был у товарища Рыкова, Ворошилова и вчера у тов. Сталина.

Тов. Сталин дал ряд директив о которых скажу: Тов. Сталин и все другие поддерживают вхождение в Союз непосредственно Таджикистана» (бойгонии Институти таърихи ҳизби КМ ҲКТ, р. 1, п. 1222, в. 73, п. 469, в. 43-45, п. 1299, в. 27.)

Ин санад боиси рӯйсурхии тоҷикон, исботи роҳи равон ва қомати рости тоҷикон, бунёди давлати нави Тоҷикистон дар асоси модели шӯравӣ - ҷумҳурии ҳафтуми Шӯроҳост!...

**Субҳони АЪЗАМЗОД, дотсенти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров**




## ҚАРЗ

Зан ба марди дӯстдоштааш мегӯяд:
- Мо кай оиладор мешавем?
Мард дар ҷавоб:
- Фотимаҷон, ман алҳол имкони бо шумо издивоҷ карданро надорам, вале кам-кам қарзи заношавҳариро адо карда метавонам.

## ШОҲИД

Дар толори суд аз судшаванда мепурсанд:
- Мутмаинем хеле хуб медонед, ки барои додани шаҳодати бардурӯғ шуморо чӣ интизор аст?
Судшаванда дар ҷавоб:
- Бале, ба ман BMV ваъда додаанд.

## КАМБУДӢ

Зердаст аз раиси худ мепурсад:
- Раис, шумо ягон бор ба занатон рӯирост ҳамаи камбудиҳояшро гуфтаед?
Раис дар ҷавоб:
- Бале. Мехоҳӣ захми сарамро нишон диҳам?

## ҶАШН

Зане ба назди духтур рафта, мегӯяд:
- Доктор, баъди аз шавҳарам ҷудо шудан ман сахт фарбеҳ шудам. Ба ман ягон твасия медодед.
Духтур дар ҷавоб:
- Ҷашн гирифтанро бас кунед дия!

## НАПОЛЕОН

Равоншинос ба бемор баъд аз табобати тӯлонӣ мегӯяд:
- Шуморо табрик мекунам, алакай ҳолатон рӯ ба беҳбудӣ оварда истодааст.
Бемор мегӯяд:
- Шумо беҳбудӣ гуфта, чиро дар назар доред, духтур? Ба маълумоти шумо мерасонам, ки шаш моҳ қабл ман Наполеон будам, акнун ҳеҷ касам!

## КРЕДИТ

Намояндаи бонк ба марде занг зада, мепурсад:
- Салом. Шумо ҷои кор меҷӯед?
Мард мегӯяд:
- Бале, меҷӯям.
Корманди бонк мегӯяд:
- Бехтарин! Ҳамин ки ҷои кор ёфтед, ба мо занг занед. Мо ба шумо бо имкониятҳои мусоид кредит пешниҳод мекунем!

## ХИЗМАТРАСОНӢ

Марде дар фурудгоҳ ба маъмурият мегӯяд:
- Шумо метавонед як ҷомадони маро ба Русия ва дигарашро ба Туркия равон кунед?
Корманди фурудгоҳ мегӯяд:
- Не, мо чунин тарзи хизматрасонӣ надорем.
Мард мегӯяд:
- Хеле хуб, зеро дафъаи гузашта шумо ҷомадонҳои маро ҳамин гуна равон карда будед.

Таҳияи
Н.РАҶАБОВА

## ЛАТИФА

Роҳбар латифа мегуфт ва ҳама аз тахти дил механдиданд. Ба ҷуз як нафар, ки ҷим нишаста буд. Аз ӯ пурсиданд:
- Ҷаро ту намеханди?
Мард гуфт:
- Ман дар ин ҷо кор намекунам.

## ҲАМСОЯ

Садои занги дар баланд шуд. Мард дарро кушода дид, ки як зани ниҳоят зебо пушти дар истодааст.
- Салом, ман ҳамсояи нави шумо, ба муносибати хонаи нав хариданам як ташкилӣ карданиям. Шумо бекор нестед?
Мард хурсанд шуда, гуфт:
- 24 соат холиям.
Зан:
- Ин тавр бошад, ҳамин сагчаи маро чанд соат нигоҳубин кунед.

## ХУНУК ХӮРДАМ

Афандӣ дар сармои кахратун, ки аз хунукӣ дир-дир меларзид, ба хонаи худ медарояд. Завҷааш аз танбалӣ намехост, ки наздаш дастурхон паҳн кунад. Аз ин рӯ аз шавҳараш пурсид:
- Мардак, хӯрок хӯрдӣ, ё гурусначӣ?
Афандӣ гуфт:
- Занак, ташвиш накаш. Ман дар берун шикамсерӣ хунук хӯрдам.

## НАТИҶАИ ХОНДАН

Натиҷаи хондан дар мактабу донишгоҳ:
Бо баҳои ду мехондаҳо соҳиби ду чиз мешаванд: наклиёти сабукрав ва хона.
Сехонакҳо соҳиби се чиз: наклиёт, хона, корхонаи шахсӣ.
Аъълохонхо соҳиби 5 чиз мешаванд; сари бемӯй, айнак, маоши аз ҳама паст, фишори хун, дарди дил.

## ШАВҲАРАТ ЗИНДА АСТ?

Ду ҳамсоязан бо ҳам суҳбат мекарданд. Яке аз шавҳараш шикоят карда, хулоса мекунад, ки рӯзаш сиёҳ аст. Дигаре баръакс, шавҳарашро таъриф мекунад.
Зане, ки аз шавҳараш ба дод омадааст, мепурсад:
- Шавҳарат дашном намекунад?
- Не!
- Рашк намекунад?
- Не!
- Намезанад?
- Не!
- Наменӯшад?
- Не!
Зан ба ҳайрат омада, мегӯяд:
- Э ҳамсоя, ташвиш кардӣ, шавҳаратро ин тарафу он тараф ҷунбон, боз намурда бошад...

## ҶАНГ БО ШЕР

Зан:
- Мардакҷон, маро дӯст медорӣ?
Мард:
- Як дунё!
Зан:
- Исбот кун!
Мард:
- Чӣ гуна?
Зан:
- Ба боғи ҳайвонот раву бо шер биҷанг!
Мард:
- Э занакҷон, ягон кори осонтар бигӯ.
Зан:
- Пас коди телефонатро ба ман гӯй!
Мард:
- Канӣ ҳамон шер, рафта титу питаша барорам?

## Сканворд

